# ҲАМБАСТАГИИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА



Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ

АЗ МАРДУМИ АМРИКО

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе – 2013**

# ҲАМБАСТАГИИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНА

## КӮДАКИ БЕМОРИ
## СИННИ АЗ 2 МОҲА ТО 5 СОЛА

***КӮДАКИ БЕМОРРО БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД***

**Баҳо диҳед, Тасниф намоед ва табобатро муйян намоед**


Тафтиш намоед, Нишонаҳои Умӯмии Хатар ҳастанд ......... 2
Нишонаҳои Асосиро пурсед:
Сулфа ва нафаскашии душвор ҳаст? ...................................... 2
Кӯдак дарунрав дорад? ......................................................... 3
Кӯдак табларза дорад? .......................................................... 5
Варақаи эҳтимолӣ ......................................................... 5
Сурхчаро тасниф намоед............................................... 5
Ккӯдак дарди гулӯ дорад? ...................................4
Кӯдак мушкилоти гушхо дорад?........................................... 4
Тафтиш намоед, Вайроншавии Ғизогирӣ ва Камхуни ҳаст 6
Статуси Эмгузаронии Кӯдакро тафтиш намоед.................. 6
Проблемаҳои дигарро Баҳо Диҳед....................................... 6


***КӮДАКРО ТАБОБАТ НАМОЕД***

**Модарро Истифодабарии Маводҳои Даҳонгузарро дар Хона Ёд диҳед**


Маводҳои зиддибактериявии даҳонгузар ........................... 7
Парасетамол.......................................................................... 8
Витамини А ........................................................................... 8
Маводҳои оҳан ...................................................................... 8
Бронхолитики даҳонгузар..................................................... 8
Маводҳои Руҳ—синк……………………………....………..8


**Модарро Табобати Сироятҳои Ҷузъиро (местное) дар Хона Ёд диҳед**


Сирояти чашмро бо малҳами Тетрасиклин табобат намоед...................................................................... 9
Гӯшро бо Фатила Хушк намоед (чакраҳо барои гӯш) .............................................................. 9
Ярахои даҳонро бо Генцианвиолет табобат намоед ...................................................................... 9
Гулӯро Мулоим намоед ва Сулфаро бо маводҳои безарар табобат намоед................................... 9


**Ин Маводҳоро Танҳо дар Амбулатория диҳед**

***Давоми КӮДАКРО ТАБОБАТ НАМОЕД***

**Ҳангоми Дарунравӣ Моеъҳои иловаги диҳед ва ғизогириро давом диҳед**


Нақшаи А: Дарунравиро дар Хона табобат Намоед.................................................................. 13
Нақшаи Б: Беобшавии Мӯътадилро бо ёрии ОРС табобат намоед................................................... 13
Нақшаи В: Беобшавии Вазнинро ба зудӣ табобат намоед................................................................. 14
**Ҳар як кӯдакро Чи хеле, ки лозим аст эм гузаронед** ..................................................................... 14


**Назорати Минбаъдаро Гузаронед**


Илтиҳоби Шуш..................................................................... 15
Илтиҳоби Шуш нест . Нафасгирии Астмоидӣ .................. 15
Дарунравии Давомнок ........................................................ 15
Исҳоли хунин ...................................................................... 16
Табларза. Варақаи эҳтимолӣ ........................................... 16
Сурхча бо Оризаҳои Чашм ва Даҳон ................................ 16
Фарингити Стрептококкӣ ................................................. 16
Сирояти Гӯш........................................................................ 17
Камхуни ............................................................................... 17
Вазни кам ............................................................................. 17


***МАСЛИҲАТҲО БА МОДАР***

**Ғизогирӣ**


Ғизогирии Кӯдакро Баҳо диҳед........................................... 18
Тавсияҳо оиб ба Ғизогирӣ .................................................. 18
Оид ба Проблемаҳои Ғизогирӣ тавсия диҳед..................... 18


**Моеъҳо**


Ҳаҷми Моеъро ҳангоми Беморӣ зиёд кунед ............... 20


**Кай бояд аз нав муроҷиат намуд**


Ба Модар маслиҳат диҳед, ки кай ба назди корманди тиббӣ баргардад ............................................................................. 20
**Оид ба саломатии худи Модар маслиҳат диҳед** .................................................................. 22


Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ
Шӯъбаи солимии кӯдакон ва рӯшд

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

**Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАВЗОДИ БЕМОРИ ТО 2 МОҲА

***БАҲО ДИҲЕД, ТАСНИФ НАМОЕД ВА НАВЗОДИ БЕМОРРО ТАБОБАТ НАМОЕД***

**Баҳо диҳед, Тасниф намоед ва Табобатро Муайян Намоед**


Бемории ниҳоят вазнин ё сирояти бактериявии ҷузъиро Ҷустуҷу намоед23
Зардшавии эҳтимолиро ҷустуҷу намоед24
Сирояти чашмро ҷустуҷу намоед24
Пурсед: Дар кӯдак дарунравӣ ҳаст?25
Тафтиш намоед, Проблемаҳои Ғизо ё Вазни кам ҳаст ...... 26
Баъд Статуси Эмгузаронии Навзодро тафтиш намоед ...... 27
Проблемаҳои дигарро баҳо диҳед27


**Навзодро табобат намоед ва ба Модар Тавсия диҳед**


Вояи якуми маводи зиддибактериявиро дохили мушаки диҳед .........................28
Профилактикаи гипогликемияро гузаронед...........................................................28
Чи хел гарм нигоҳ доштани кӯдакро то статсионар ба Модар ёд диҳед .........................................................................................29
Сирояти ҷузъиро бо маводҳои мувофиқи зиддибактериявии даҳонгузар табобат намоед .................................................................29
Модарро табобати сироятҳои ҷузъиро дар хона ёд диҳед ...................................30
Барои табобати Дарунравӣ — ба нақшаи табобати кӯдак нигаред .........................30
Мувофиқи лозими ҳар як кӯдакро эмгузаронед..........................................................30
Модарро Қоидаҳои тарзи дуруст ба сина гузоштани кӯдакро Омӯзонед..................................................................31
Чи хел полудани (сцеживать) шири синаро ба Модар Омӯзонед ...............................................................................31
Ба воситаи косача хӯрониданро ба Модар Омӯзонед..................................................32
Чи хел дар хона гарм нигоҳ доштани навзоди камвазнро ба Модар Омӯзонед....32
Ба модар оид ба нигоҳу бини тифл дар хона ба Модар маслиҳат диҳед.................33


**Аз болои Навзоди Бемор Назорати Минбаъда гузаронед**


Сирояти Бактериявии Ҷузъи (сирояти чашм, зардпарвин, дарунравӣ).................34
Проблемаҳои Ғизогирӣ,Дарди Даҳон (Молочница) ............................................35
Вазни Кам.............................................................................................36
Минтақаҳои хавфноки сироятёбии вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ......................................................................43
Ёддошт барои Модар....................................................................37-38


**ШАКЛҲО БАРОИ САБТ**


**НАВЗОДИ БЕМОР**.............................................................39-40
**КӮДАКИ БЕМОР** .............................................................41-42
**ХАРИТАИ РУШДИ ҶИСМОНӢ** ..............................................44-46

# КӮДАКИ БЕМОРИ АЗ 2 МОҲА ТО 5 СОЛРО БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД

**АЗ МОДАР, ОИД БА МУШКИЛОТИ ДАР КӮДАК ВУҶУД ДОШТА, БИПУРСЕД**

- Муайян намоед, ки муроҷиат оид ба масъалаи мазкур бори аввал мебошад ё такрорӣ.
  - Агар муроҷиат такрорӣ бошад дастурҳо аз шакли КӮДАКРО ТАБОБАТ НАМОЕД истифода баред.
  - Агар муроҷиат борӣ аввал бошад ба ҳолати кӯдак бо тарзи зерин баҳо диҳед:

## ТАФТИШ НАМОЕД, КИ НИШОНАҲОИ УМУМИИ ХАТАР ВУҶУД ДОРАНД

| ***БИПУРСЕД:*** | ***МУОИНА НАМОЕД:*** |
|---|---|
| • Кӯдак нӯшида ё сина макида метавонад?<br>• Оё баъди ҳамагуна хӯрок ё нӯшокӣ қай мекунад?<br>• Оё дар кӯдак рагкашӣ мушоҳида гардидааст? | • Муоина намоед агар кӯдак хобби сакта ё беҳуш бошад. |

**Кӯдак бо ҳама гунна нишонаи хатар диққати ФАВРИРО металабад;**
**Барои бистарикунониро ба тахир наандохтан, муоина ва табобати то статсионариро анҷом диҳед .**

АЛОМАТҲОИ ХАТАР

**БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД**

## БАҲО ДИҲЕД

## ТАСНИФ НАМОЕД

## ТАБОБАТРО МУАЙЯН НАМОЕД

**БАРОИ ТАСНИФИ БЕМОРИҲО ҲАМОН ФАСЛҲОИ ТАБЛИТСАРО ИСТИФОДА БАРЕД, КИ БА НИШОНАҲО ВА МУШКИЛОТИ КӮДАК МУВОФИҚАНД**

### СИПАС ДАР БОРАИ НИШОНАҲОИ АСОСӢ БИПУРСЕД:
### Оё кӯдак сулфа ё нафаскашии вазнин дорад?

***АГАР ҲА, БИПУРСЕД:***

- Чанд вақт боз?

***МУОИНА НАМОЕД, ГӮШ КУНЕД, ЭҲСОС НАМОЕД:***

- Миқдори нафаскаширо дар як дақиқа ҳисоб кунед.
- Бубинед, ки фӯрурави қафаси сина вуҷуд дорад.
- Бубинед ва гӯш андозед, ки

} КӮДАК БОЯД ОРОМ БОШАД

*Тасниф намоед:*
***СУЛФА Ё НАФАСКАШИИ ДУШВОР, АГАР НАФАСКАШИИ АСТМОИДИ НАБОШАД***

**Агар кӯдак нафаскашии шиддатнок дошта бошад:**
Аз 0 то 2 моҳа **60**
Аз 2 то 12 моҳа **50**
Аз 12 м то 5 сола **40** ва зиед маротиба дар 1 дақиқа

| НИШОНАҲО | ТАСНИФ НАМОЕД | ТАБОБАТ<br>(Табобати фаврии пеш аз бистарикунони ҷудо карда шудааст) |
|---|---|---|
| • Ягон нишонаи умумии хатар ё<br>• Фурӯравии қафаси сина ё<br>• Нафаскашии хуштаки. | **ИЛТИҲОБИ ВАЗНИНИ ШУШ Ё БЕМОРИИ НИҲОЯТ ВАЗНИН** | • **Вояи аввалаӣ доруи мувофиқӣ зиддибактеривиро гузаронед**.<br>• Агар дар ҳолатҳои махсусӣ иқлимию ҷуғрофӣ бистарикунони душвор бошад РОҲҲОИ БИСТАРИКУНОНИРО ҶУСТУ ҶУ КУНЕД. Оҷилан аз рӯи нақша табобатро оғоз намоед.<br>• ФАВРАН ба статсионар фиристед. Назорат аз болои бистарикунонӣ. |
| • Нафаскашии шиддатнок | **ИЛТИҲОБИ ШУШ** | • Доруи зиддибактериявии барои илтиҳоби шушро диҳед.<br>• Бо маводи безарар Гулӯро мулоим ва сулфаро осон намоед.<br>• Ба модар кай фавран баргаштанро фаҳмонед. Аз болои кӯдак назорат баред.<br>• Ташрифи оянда баъди 2 рӯз. |
| Нишонаҳои илтиҳоби шуш ё бемории ниҳоят вазнин нестанд | **ИЛТИҲОБИ ШУШ НЕСТ. СУЛФА Ё ШАМОЛХӮРӢ** | • Агар сулфа зиёда аз 30 рӯз бошад - барои муоина фиристед.<br>• Бо маводи безарар Гулӯро мулоим ва сулфаро осон намоед.<br>• Ба модар кай фавран баргаштанро фаҳмонед. Аз болои кӯдак назорат баред.<br>• Ташрифи оянда баъди 5 рӯз, агар беҳбудӣ набошад. |

**Агар дар кӯдак нафаскашии астмоиди ва нишонаҳои умумии хатар вуҷуд дошта бошанд:** тасниф намеоед ҳамчун: ИЛТИҲОБИ ВАЗНИНИ ШУШ Ё БЕМОРИИ НИҲОЯТ ВАЗНИН ва мутобиқан муолиҷа намоед

**Агар дар кӯдак нафаскашии астмоиди бошаду нишонаҳои умумии хатар вуҷуд надошта бошанд:**

1. Бо бронхолитики зудтаъсир табобат намоед.
2. Такроран баъди 30 дақиқа баҳо диҳед.
3. Тасниф намуда оид ба муолиҷаи минбаъда қарор қабул намоед.

*Тасниф намоед:*

***СУЛФА Ё НАФАСКАШИИ ДУШВОР, АГАР НАФАСКАШИИ АСТМОИДИ БОШАД***

| НИШОНАҲО | ТАСНИФ НАМОЕД | ТАБОБАТ |
|---|---|---|
| • Ягон нишонаи умумии хатар ё<br>• Фурӯравии қафаси сина ё<br>• Нафаскашии хуштаки | ИЛТИҲОБИ ВАЗНИНИ ШУШ БО НАФАСКАШИИ АСТМОИДӢ Ё БЕМОРИИ НИҲОЯТ ВАЗНИН | • **Вояи аввалаӣ доруи мувофиқӣ зиддибактеривиро гузаронед**.<br>• Пеш аз он, ки илтиҳоби шуш ро тасниф намоед, ингалятсияи санҷишии бронхолитики зудтаъсирро диҳед ва<br>• ФАВРАН ба статсионар фиристед!<br>• Назорат аз болои бистарикунонӣ. |
| • Нафаскашии душвор бо ё бе нафаскашии астмоиди баъди ингалятсияи санҷишии бронхолитики зудтаъсир. | **ИЛТИҲОБИ ШУШ БО НАФАСКАШИИ АСТМОИДӢ** | • Антибиотики мувофиқро давоми 3 рӯз диҳед.<br>• Бронхолитики ингалятсионӣ дар давоми 5 рӯз диҳед.<br>• Бо маводи безарар Гулӯро мулоим ва сулфаро осон намоед. Ба модар кай фавран баргаштанро фаҳмонед. Ҳангоми такрор ёфтани эпизодҳои нафаскашии астмоидӣ барои муоина фиристед, агар ин корро барвақт накарда бошед.<br>• Ташрифи минъбада баъди 2 рӯз. |
| • Нафаскашии астмоиди баъд ё пеш аз ингалятсияи санҷишии бронхолитики зудтаъсир. | **ИЛТИҲОБИ ШУШ НЕСТ НАФАСКАШИИ АСТМОИӢ** | • Бронхолитики ингалятсионӣ ё даҳонгузар давоми 5 рӯз диҳед.<br>• Ҳангоми такрор ёфтани эпизодҳои нафаскашии астмоидӣ барои муоина фиристед, агар ин корро барвақт накарда бошед. |

# Оё кӯдак дарунравӣ дорад?

| АГАР ҲА, БИПУРСЕД: | МУОИНА НАМОЕД ВА МУАЙЯН НАМОЕД: |
|---|---|
| • Чанд вақт боз?<br>• Дар фазла хун ҳаст? | • Ба ҳолати умумӣ нигаред. Кӯдак:<br>Хоболуд ё беҳуш мебошад?<br>Беқарор аст ё асабонияти дардовар дорад?<br>• Ҷустуҷӯ намоед, чашмони фурӯрафта ҳастанд?<br>• Ба кӯдак моеъ пешниҳод намоед. Кӯдак:<br>Нушида наметавонад ё бад менушад?<br>Ҳарисона менушад, ташнагӣ?<br>Реаксияи чини пустро дар болои шикам тафтиш намоед:<br>Чини пуст ҳавор мешавад:<br>Хело суст (зиёда аз 2 сония)?<br>Суст, бетаъгир. |

**ДАРУНРАВИРО ТАСНИФ НАМОЕД**

| | | |
|---|---|---|
| **бо дараҷаи БЕОБШАВӢ** | | |
| Ду аз ин нишонаҳо:<br>• Хоби сакта ё беҳушӣ<br>• Чашмони фурурафта<br>• Нушида наметавонад ё суст менушад<br>• Чини пуст ниҳоят суст ҳамвор мешавад. | **БЕОБШАВИИ ВАЗНИН** | • Агар дар кӯдак дигар бемории вазнин набошад: Мувофиқи нақша барои беобшавии вазнин (нақшаи В) моеъ диҳед.<br>• Агар дар кӯдак дигар бемории вазнин бошад: ФАВРАН ба статсионар фирстед! Дар роҳ модар ба кӯдак бояд тез-тез маҳлули ОРС диҳад. Маслиҳат диҳед, ки синамакониро давом диҳад.<br>• Агар кӯдак 2 сола ё аз ин калон бошад ва дар маҳалли зист ҳодисаҳои бемории ВАБО қайд шаванд, барои табобати вабо доруи зидибактериявӣ диҳед. |
| Ду аз ин нишонаҳо:<br>• Беқарор буда асабонияти дардовар дорад<br>• Чашмони фурурафта<br>• Ҳарисона менушад, ташнагӣ<br>• Чини пуст суст ҳамвор мешавад | **БЕОБШАВИИ МУЪТАДИЛ** | • Маҳлули ОРС, маводи даҳонгузари Синк—руҳ ва хӯрок мувофиқи нақша барои табобати беобшавии муътадил (нақшаи Б) диҳед.<br>• Агар дар кӯдак дигар бемории вазнин бошад: ФАВРАН ба статсионар фирстед! Дар роҳ модар ба кӯдак бояд тез-тез маҳлули ОРС диҳад. Маслиҳат диҳед, ки синамакониро давом диҳад.<br>• Ба модар фаҳмонед, ки кай фавран баргардад.<br>• Ташрифи минбаъда баъди 5 рӯз, агар беҳбуди набошад. |
| Барои тасниф намудани беобшавии вазнин ё муътадил нишонаҳои ко- | **БЕОБШАВӢ НЕСТ** | • Маҳлули ОРС, маводи даҳонгузари Синк—руҳ ва хӯрок мувофиқи нақша барои табобат дар хона (нақшаи А) диҳед.<br>• Ба модар фаҳмонед, ки кай фавран баргардад.<br>• Ташрифи минбаъда баъди 5 рӯз, агар беҳбуди набошад. |
| **Агар дарунравӣ 14 рӯз ва аз ин зиёд** | | |
| • Беобшавӣ ҳаст. | **ДАРУНРАВИИ ДАВОМНОКИ ВАЗНИН** | • Агар дигар бемории вазнин набошад, беобшавиро пеш аз ба статсионар фиристодан табобат намоед.<br>• Ба статсионар фиристед. |
| • Беобшавӣ нест | **ДАРУНРАВИИ ДАВОМНОК** | • Ба модар чи хел ғизо додани кӯдаки гирифтори ДАРУНРАВИИ ДАВОМНОК-ро фаҳмонед. Поливитамин ва минералҳоро (инчунин Синк-руҳ) давоми 14 рӯз диҳед. |
| **Агар дар фазла хун бошад** | | |
| • Хун дар фазла. | **ИСҲОЛИ ХУНИН** | • ***СИПРОФЛОКСАТСИН давоми 3 рӯз диҳед.***<br>• Беобшавиро табобат намоед ва Синк-руҳ диҳед.<br>• Ташрифи минбаъда баъди 2 рӯз |

**Агар бистарикунони номумкин бошад, кӯдакро чуноне, ки дар модули Ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона Кӯдакро табобат намоед омадааст, пешбаред (ведите).*

СУЛФА, ДАРУНРАВӢ

**БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД**

# Оё кӯдак дарди гулӯ дорад?

***АГАР ҲА, МУОИНА НАМОЕД ВА ЭҲСОС КУНЕД:***

- Бубинед, ки доғҳои сафед дар гулӯ ҳастанд?
- Эҳсос намоед, ки оё калоншавии гиреҳҳои лимфатикии гардан дида мешавад?

→ ***ДАРДИ ГУЛӮРО*** ***тасниф намоед.***

| | | |
|---|---|---|
| • Нушида наметавонад. | **ДУММАЛИ ГУЛ,** | • Бисиллин-1 диҳед.<br>• Дар амбулатория як вояи парасетамолро ҳангоми таблarзаи баланд (38,5 С ва зиёдтар) ё дард диҳед.<br>• ФАВРАН ба статсионар фиристонед.<br>• Бистаригардонии кӯдакро назорат кунед.<br>• Агар аз рӯи шароитҳои махсуси иқлимию ҷуғрофӣ бистаригардони мушкил бошад, фавран муолиҷаро аз рӯи нақша шурӯъ намоед ва роҳҳои ҳалли бистаригардониро ҷустуҷӯ намоед. |
| • Калоншавии гиреҳҳои лимфатикии гардан **ва**<br>• Доғҳои сафед дар гулӯ | **ФАРИНГИТИ СТРЕПТОКОК-КӢ** | • Биссилин-1 ё антибиотикҳои катори пенисиллинро диҳед.<br>• Дар амбулатория як вояи парасетамолро ҳангоми таблarзаи баланд (38,5 С ва зиёдтар) ё дард диҳед. Гулуро бо воситаҳои бехатар мулоим созед.<br>• Ба модар фаҳмонед, ки кай фавран баргардад.<br>• Ташрифи минбаъда баъди 2 руз. |
| • Як ё ягон аломати дар сутуни зард нишондодашуда мавҷуд нест. | **ФАРИНГИТИ ҒАЙРИСТРЕП-ТОКОККӢ** | • Гулӯро бо воситаҳои бехатар мулоим намоед. Ҳангоми дард парасетамол диҳед.<br>• Ба модар фаҳмонед, ки кай фавран баргардад. Кӯдакро назорат намоед. |

# Оё кӯдак мушкилоти гӯшҳо дорад?

***АГАР ҲА, БИПУРСЕД:***

- Оё дарди гӯш дорад?
- Аз гӯшаш фасод меравад?
  Агар ҳа, чанд рӯз боз?

***МУОИНА НАМОЕД ВА ЭҲСОС КУНЕД:***

- Бубинед, ки оё аз гӯш фасод меравад.
- Эҳсос намоед, ки оё дар паси гӯш варами дарднок ҳаст ё не?

→ ***МУШКИЛОТИ ГӮШҲОРО*** ***тасниф намоед.***

| | | |
|---|---|---|
| Варами дарднок дар паси гӯш. | МАСТОИДИТ | Вояи аввалини доруи зиддибактериявии мувофиқро диҳед.<br>Ҳангоми дард вояи аввали парасетамолро диҳед.<br>Фавран ба статсионар фиристонед. Бистаригардониро назорат намоед.<br>Агар аз рӯи шароитҳои махсуси иқлимию ҷуғрофӣ бистаригардони мушкил бошад, фавран муолиҷаро аз рӯи нақша шурӯъ намоед ва роҳҳои ҳалли бистаригардониро ҷустуҷӯ намоед. |
| Фасодравӣ аз гӯш дида мешаад. Давомнокии онҳо камтар аз 14 рӯз ё дард дар гӯшхо. | СИРОЯТИ ШАДИДИ ГӮШ | • Доруи зиддибактериявиро дар муддати 5 рӯз диҳед. Ҳангоми дард парасетамол диҳед. Гӯшҳоро бо фатила (турунда) хушк намоед.<br>• Ташрифи навбатӣ баъди 2 рӯз. |
| Фасодравӣ аз гӯш дида мешавад. Давомнокии онҳо аз 14 рӯз зиёдтар | **СИРОЯТИ МУЗМИНИ ГӮШ** | • Гӯшҳоро бо фатила (турунда) хушк намоед.<br>• Ба назди мутахассис барои маслиҳат фиристонед. |
| **Дарди гӯш нест ва фасодравӣ аз гӯш дида намешавад. | **СИРОЯТИ ГӮШ НЕСТ** | Бе муолиҷаи иловагӣ |

# Оё кӯдак табларза дорад?

(дар анамнез ё ҳангоми ламскардан гарм мебошад ё ҳарорат 37,5°C ** ва баландтар)

| *АГАР ҲА БИПУРСЕД:* | *МУОИНА НАМОЕД, ЭҲСОС КУНЕД:* |
|---|---|
| • Чанд рӯз<br>• Агар аз 5 рӯз зиёд оё ҳарорат-баландӣ ҳаррӯз мушоҳида мешуд<br>• Кӯдак дар давоми соли охир дар минтақаи вараҷанок буд<br>• Кӯдак дар давоми 3 моҳи охир гирифтори бемории сурхча гардида буд | • Шахшавии мушакҳои пушти сарро муоина намоед ва эсос кунед.<br>• Тафтиш намоед, ки зуком ҳаст ё не.<br>• Мавҷуд будани нишонаҳои СУРХЧА-ро тафтиш намоед.<br>• Доначаҳо дар тамоми бадан (генерализованная сыпь) ва яке аз нишонаҳо: сулфа, зуком ё сурхшавии чашмҳо |

Агар кӯдак аз минтақаи вараҷа бошад ё дар муддати 9 моҳи охир дар он ҷо будааст (Минтақаҳои вараҷа: ниг. замима дар саҳ. 38)

| | |
|---|---|
| Агар кӯдак сурхча дошта бошад ё дар 3 моҳи охир гирифтори сурхча шуда бошад: | • Бубинед, ки дар даҳон захмҳо ҳастанд.<br>• Бубинед, ки аз чашм фасод меравад. |

*ТАБЛАРЗАРО тасниф намоед*

| | | |
|---|---|---|
| • Ҳар гуна аломати умумии хатар ё<br>• Шахшавии мушакҳои қафои косахонаи сар. | **БЕМОРИИ ХЕЛЕ ВАЗНИНИ ФЕБРИЛӢ** | • Вояи аввали доруи зиддибактериявиро диҳед.<br>• Дар амбулатория як вояи парасетамолро ҳангоми табларзаи баланд (38,5 ва зиёдтар) диҳед.<br>• **ОҶИЛАН ба статсионар фиристед!** |
| • Табларза дар муддати 5 рӯз ва зиёдтар. | ТАБЛАРЗАИ ДАВОМНОК | • ***Дар амбулатория як вояи парасетамолро ҳангоми табларзаи баланд (38,5 С ва зиёдтар) диҳед.***<br>• Барои муоина фиристонед.<br>Кӯдакро назорат намоед. |
| • Таснифот – илтиҳоби шуш, исҳоли хунин, фарингити стептококкӣ, сирояти шадиди гӯш Ё дигар сабабҳои зоҳиршавандаи табларза | **СИРОЯТИ ИМКОНПАЗИРИ БАКТЕРИЯВӢ** | • ***Дар амбулатория як вояи парасетамолро ҳангоми табларзаи баланд (38,5 ва зиёдтар) диҳед.***<br>• ***Мувофиқи дастури ҲБК муолиҷа намоед.*** |
| • Аломатҳои дар боло номбаршуда нестанд. | **ТАБЛАРЗА** | • ***Дар амбулатория як вояи парасетамолро ҳангоми табларзаи баланд (38,5 ва зиёдтар) диҳед.***<br>• Ба модар кай фавран баргаштанашро фаҳмонед.<br>• Агар табларза мавчуд бошад, ташрифи навбатӣ баъди 2 рӯз.<br>• Кӯдакро назорат намоед. |

*ВАРАҶАИ ИМКОНПАЗИРРО тасниф намоед*

| | | |
|---|---|---|
| • Агар кӯдак дар минтақаи вараҷадор истиқомат карда бошад:<br>• Зуком надорад<br>• Сурхча надорад<br>• Дигар сабабҳои зоҳиршавандаи табларза нестанд | **ВАРАҶАИ ИМКОНПАЗИР** | ***Намунаи хунро барои таҳлил фиристонед.***<br>***Ҳангоми ҳарорати зиёдтар аз 38,5 С парасетамол диҳед.***<br>***Муоинаи навбатӣ баъди 1 рӯз***<br>***Агар натиҷаи намунаи хун ташхиси вараҷаро тасдиқ намоянд – ба статсионар фиристонед. Бистаригардониро назорат намоед.***<br>***Агар вараҷа тасдиқ нашавад ҳамчун ТАБЛАРЗА табобат кунед.*** |

**СУРХЧАРО тасниф намоед**

| | | |
|---|---|---|
| • Ҳар гуна аломати умумии хатар ё<br>• Хирашавии қарния ё<br>• Захмҳои чуқур ё васеи даҳон | **СУРХЧАИ ВАЗНИНИ ОРИЗАДОР***** | • *Як вояи доруи мувофиқи зиддибактериявӣ диҳед.*<br>• *Витамини А диҳед.*<br>• *Агар хирашавии қарния ё фасодравӣ аз чашм бошад,малҳами тетрасиклинии чашмро истифода баред.*<br>• ФАВРАН ба статсионар фиристонед |
| • Фасодравӣ аз чашм ё<br>• Захмҳои даҳон | **СУРХЧА БО ОРИЗАҲОи ДАҲОН ВА ЧАШМ***** | ***Сирояти чашмро бо, малҳами тетрасиклин муолиҷа намоед.***<br>***Захмҳои даҳонро бо генсианвиолет муолиҷа кунед.***<br>**Ташрифи навбатӣ баъди 2 рӯз.** |
| • Агар кӯдак сурхча дошта бошад ё дар 3 моҳи охир гирифтори сурхча шуда бошад | **СУРХЧА** | • *Витамини А диҳед.*<br>• *Кай фавран баргаштанро фаҳмонед.* |

*****Ин нишондиҳандаҳои ҳарорати аксиллярӣ мебошанд. Ҳарорати ректалӣ тақрибан 0,5 С баландтар аст.***

******Дигар оризаҳои муҳими сурхча – илтиҳоби шуш, нафаскашии ҳуштакӣ (стридор), дарунравӣ, сирояти гӯш ва ихтилоли тағзия дар дигар ҷадвалҳо тасниф намоед.***

# БАЪД САНҶЕД, КИ ОЁ ВАЙРОНШАВИИ ҒИЗОГИРӢ Ё КАМХУНӢ ВУҶУД ДОРАД?

***БУБИНЕД ВА ЭҲСОС НАМОЕД:***

- Бубинед, ки оё аломатҳои лоғарии вазнин вуҷуд дорад?
- Бубинед, ки оё паридарангии кафи дастон вуҷуд дорад? Дараҷаҳои он:
  Зоҳирёфта?
  Миёна?
- Бубинед, ки оё варами ҳар ду панҷаи пой вуҷуд дорад?
- Мувофиқати вазнро ба синну сол муайян кунед?

***ҲОЛАТИ ҒИЗОГИРИРО*** ***таснифнамоед***

| | | |
|---|---|---|
| • Лоғарии зоҳирёфта ё<br>• Паридарангии зоҳирёфтаи кафи дастон, ё<br>• Варами ҳар ду панҷаи пой | **ВАЙРОНШАВИИ ВАЗНИНИ ҒИЗОГИРӢ Ё КАМХУНИИ ВАЗНИН** | • ***ФАВРАН ба статсионар фиристед.***<br>• ***Витамини А диҳед.*** |
| • Паридарангии миёнаи кафи дастон, ё<br>• Вазни кам барои синну сол. | **ВАЗНИ КАМ Ё КАМХУНИ** | • Ғизодиҳӣ ба кудакро баҳо диҳед ва модарро оиди масъалаҳои ғизодиҳӣ дар чорчӯбаи ҒИЗОДИҲИ-и накшаи БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД, маслиҳат диҳед.<br>- Агар мушкилоти ғизодиҳӣ бошад, ташрифи минбаъда пас аз 5 рӯз.<br>• Агар паридаранги мавҷуд бошад:<br>- маводҳои оҳан диҳед.<br>• Ба модар фаҳмонед, кай фавран баргардад.<br>• Агар паридаранги мавҷуд бошад, ташрифи минбаъда пас аз 14 рӯз.<br>Агар вазни кам барои синну сол бошад, ташрифи минбаъда пас аз 14 рӯз. |
| • Вазни кам барои синну сол ва аломатҳои дигари ихтилоли тағзия ё камхуни надорад. | **ВАЗНИ КАМ Ё КАМХУНИ НАДОРАД** | Агар кӯдак аз 2-сола хурд бошад, ғизодиҳи ба кудакро баҳо биҳед ва модарро оиди масъалаҳои ғизодиҳӣ аз рӯи чорчӯбаи ҒИЗОДИҲИ-и накшаи БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД, маслиҳат диҳед.<br>– Агар мушкилоти ғизодиҳӣ бошад, ташрифи минбаъда пас аз 5 рӯз.<br>• Ба модар кай фавран баргаштанро фаҳмонед. |

## БАЪД ВАЗЪИ ОБИЛАКУБИИ КӮДАКРО САНҶЕД ВА ЭМГУЗАРОНИИ БЕХАВФРО ТАЪМИН НАМОЕД.

**ТАҚВИМИ** эмгузарони

| **СИННУ СОЛ** | **ВАКСИНА** | |
|---|---|---|
| 24 соати аввали пас аз таваллуд | Гепатит В-1 | ОПВ-0 |
| 3-5 рӯзагӣ | БСЖ-1 | |
| 2 моҳагӣ | ПЕНТАВАЛЕНТИ 1 | ОПВ-1 |
| 3 моҳагӣ | ПЕНТАВАЛЕНТИ 2 | ОПВ-2 |
| 4 моҳагӣ | ПЕНТАВАЛЕНТИ 3 | ОПВ-3 |
| 12 моҳагӣ | Сурхча+Гулафшон-1 | ОПВ-4 |
| 16-23 моҳагӣ | АКДС-4 | |

# ДИГАР МУШКИЛОТҲОРО БАҲО ДИҲЕД

Пас аз гирифтани вояи аввали доруи зиддибактериявии мувофиқ ва ҳолати дигари таъҷилы **БА СТАТСИОНАР ФИРИСТОДАНИ КӮДАКРО БО ҲАМА ГУНА АЛОМАТИ ХАТАРНОК ТАЪМИН НАМОЕД.**
**Истисно:** Гузаронидани регидрататсия аз рӯи Нақшаи В аломатҳои умумии хатар ва бо ин роҳ эхтиёҷот ба бистаригардониро метавонад бартараф кунад.

# КӮДАКРО ТАБОБАТ КУНЕД

## МАРҲИЛАҲОИ ТАБОБАТРО, КИ ДАР СХЕМАИ *БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД* НИШОН ДОДА ШУДААСТ, ИҶРО КУНЕД

## БА МОДАР ДОДАНИ МАВОДҲОИ ДАҲОНГУЗАРРО ДАР ХОНА ОМӮЗЕД

**Аз рӯи дастур барои ҳар як маводи даҳонгузар, ки дар хона медиҳанд, амал намоед.**
**Инчунин аз рӯи дастури дар ҷадвали вояҳо барои ҳар як мавод буда, амал намоед.**

- **Мувофиқи вазн ва синну соли кӯдак маводи мувофиқ ва вояи онро муайян кунед.**
- **Ба модар хабар диҳед, ки ин мавод барои чӣ зарур аст.**
- **Чӣ гуна чен кардани вояи маводро нишон диҳед.**
- **Чӣ гуна чен кардани вояи маводро аз тарафи модар, назорат кунед.**
- **Аз модар хоҳиш намоед вояи аввали маводро ба кӯдак диҳад.**
- **Чӣ гуна додани доруро бодиққат фаҳмонед, баъд тамғакоғазро тайёр кунед ва доруро бастабанди кунед.**
- **Агар аз якто зиёд мавод гирад, ҷамъ кунед, ҳисоб куне два ҳар як маводро алоҳида бастабанди кунед.**
- **Фаҳмонед, ки бояд ҳамаи шумораи ҳабҳои даҳонгузар ва шарбатҳо барои анҷом додани курси табобат истифода бурда шаванд, агарчанде ҳолати кӯдак беҳ шуда бошад.**
- **Пеш аз амбулаторияро тарк кардани модар санҷед, ки вай маслиҳатҳоро чӣ хел аз худ кардааст.**

**Маводи зиддибактериявии мувофиқро диҳед**

- Ҳангоми Илтиҳоби шуш, Сирояти шадиди гӯш ё Бемории ниҳоят вазнин:

**МАВОДИ ЗИДИБАКТЕРИЯВИИ** - амоксатсиллин

| | Амоксасиллин<br>Рӯзе 2 маротиба дар давоми 3 рӯз диҳед. | | |
|---|---|---|---|
| **СОЛ Ё ВАЗН** | **ҲАБИ**<br>500 мг | **ҲАБИ**<br>250 мг | **ШАРБАТ**<br>125 мг дар 5 мл |
| Аз 2 то 12 моҳа (4-<10 кг) | 1/4 | 1/2 | 2.5 мл |
| Аз 12 моҳа то 5 сола (10-19 кг) | 1/2 | 1 | 5.0 мл |

МАВОДИ ЗИДИБАКТЕРИЯВӢ ҲАНГОМИ ИСҲОЛИ ХУНИН: **СИПРОФЛОКСАТСИН**

| | **СИПРОФЛОКСАСИН**<br>Рӯзе 2 маротиба дар давоми 3 рӯз диҳед. | |
|---|---|---|
| . | **ҲАБИ**<br>250 мг | **ШАРБАТ**<br>125 мг |
| Аз 2 то 12 моҳа (4-<10 кг) | 1/4 | 2.5 мл |
| Аз 12 моҳа то 5 сола (10-19 кг) | 1/2 | 5.0 мл |

ҲАНГОМИ ИСҲОЛИ ХУНИН: МАВОДИ ЗИДИБАКТЕРИЯВИИ ДАР МАҲАЛИ МАЗКУР ТАВСИЯШУДАРО ҲАНГОМИ Шигеллез дар давоми 3 рӯз диҳед.

# БА МОДАР ДОДАНИ ДОРУҲОИ ДАҲОНГУЗАРРО ДАР ХОНА ЁД ДИҲЕД

**Ба дастури барои ҳар як доруи даҳонгузари дар хона додашаванда риоя намоед.**
**Ҳамчунин дастурҳоеро риоя намоед, ки дар чадвали вояҳо барои ҳар як дору нишон дода шуддаанд.**

- ***Бронхолитики Даҳонгузар диҳед***

| СИННУ СОЛ ё ВАЗН | САЛБУТАМОЛИ АЭРО-ЗОЛӢ | ЭУФИЛЛИН<br>Ду бор дар як рӯз дихед |
|---|---|---|
| | **ИНГАЛЯТОР**<br>**1воя=1бор зер кардан ба сарпӯш,**<br>**3 бор дар як рӯз** | **ҲАБИ**<br>**100 мг** |
| аз 2 то 12 моҳа | 1 воя | 1/4 |
| аз 12-моҳа то 5-сола | 2 воя | 1/2 |

- ***Ҳангоми Таби баланд (зиёдтар аз 38,5 С) ё Дардҳо Парасетамол диҳед***

- Прасетамолро баъди ҳар 6 соат то фуромадани ҳарорат ё қатъшавии дардҳо диҳед.

| ПАРАСЕТАМОЛ | | |
|---|---|---|
| **СИННУ СОЛ Ё ВАЗН** | **ШАРБАТ** (120 мг дар 5 мл) | **ҲАБ** (500 мг) |
| аз 2 моҳа то 3 сола (4-< 14 кг) | 5,0 мл (1 ч.л) | 1/4 |
| аз 3 сола то 5 сола (14-<19 кг) | 10,0 мл (1 ч.л) | 1/2 |

- ***Витамини А диҳед***
- Ду воя диҳед
  - Вояи аввалро дар амбулатория диҳед.

| СИННУ СОЛ | ВИТАМИНИ А ДАР ҒИЛОФАКҲО | | |
|---|---|---|---|
| | 200 000 МЕ | 100 000 МЕ | 50 000 МЕ |
| То 6 моҳа | | 1/2 ғилофак | 1 ғилофак |
| Аз 6-моҳа то 12 моҳа | 1/2 ғилофак | 1 ғилофак | 2 ғилофак |
| Аз 12 моҳа то 5 сола | 1 ғилофак | 2 ғилофак | 4 ғилофак |

- ***ДОРУҲОИ ОҲАН ДИҲЕД***

| СИННУ СОЛ Ё ВАЗН | **ҲАБИ – ОҲАН – ФО-ЛАТ**<br>Сулфати оҳан 200мг+250 мкг фолат (60 мг оҳани | **ШАРБАТИ ОҲАН**<br>Фумарати оҳан 100 мг дар 5 мл (20 мг оҳани элементарӣ дар 1 мл) |
|---|---|---|
| аз 2-моҳа то 4 моҳа (4-<6кг) | | 1.00 мл ( <1/4 к. ч.) |
| аз 4 моҳа то 12 моҳа | | 1.25 мл ( 1/4 к.ч.) |
| аз 12 моҳа то 3 сола (10-<14 кг) | 1/2 ҳаб | 2.00 мл (< 1/2к.ч.) |
| аз 3 сола то 5 сола (14-19 кг) | 1/2 ҳаб | 2.5 мл ( 1/2 к.ч.) |

- ***Ҳаби Синк-руҳ диҳед***

| **Синну сол** | **Ҳаби Синк** | **Давомнокии истеъмоли Ҳаби Синк** |
|---|---|---|
| АЗ 2 ТО 6 МОҲА | 10 мг 1 маротиба дар 1 рӯз | 14 рӯз |
| АЗ 6 МОҲА ВА КАЛОН | 20 мг 1 маротиба дар 1 рӯз | 14 рӯз |

# БА МОДАР МУОЛИҶАИ СИРОЯТИ ҶУЗЪИРО ДАР ХОНА ЁД ДИҲЕД

- **Ба модар фаҳмонед, ки муолиҷа аз чӣ иборат аст ва он барои чӣ лозим аст.**
- **Марҳилаҳои муолиҷаро баён намоед.**
- Чакраҳо барои гӯш бо антибиотикҳо аз гурӯҳи хинолонҳо (сипрофлоксатсиллин, офлоксатсин ё сипрофлоксатсин).

- **Назорат намоед, ки модар бори аввал дар амбулатория чӣ гуна муолиҷа мегузаронад (ба истиснои воситаҳои нармкунандаи гулӯ ва зидди сулфа).**

- **Фаҳмонед, ки муолиҷаро дар хона чӣ қадар гузаронидан лозим аст.**

- **Агар ин барои муолиҷа дар хона зарур бошад, ба модар малҳами тетрасиклин ё шишачаи хурди генсианвиолетдор диҳед.**

- **Пеш аз он ки модар амбулаторияро тарк намояд санчед, ки вай маслихатхои шуморо то чи андоза аз худ кардааст.**

## *Сирояти Чашмро бо Малҳами Тетрасиклинии Чашм муолиҷа намоед*

- Ҳарду чашмро 3 бор дар як рӯз бишӯед.
  - Дастҳоро шӯед.
  - Аз кӯдак хоҳиш намоед, ки чашмонашро п.шад.
  - Фасодро эҳтиёткорона шуста, латтаи тоза ва обро истифода баред.
- Сипас малҳами тетрасиклинро дар ҳарду чашмҳо 3 бор дар як рӯз бимолед.
  - Аз кӯдак хоҳиш намоед, ки ба боло нигарад.
  - Каме малҳамро ба сатҳи дарунии мижгони поён бимолед.
  - Аз сари нав дастонатонро биш.ед.

- То гум шудани сурхӣ муолиҷа намоед.
- Дигар намуди малҳам ё қатраҳо ва инчунин маводҳои маҳаллиро истифода

## • *Гӯшро бо Фатила хушк намоед.*

- *Гӯшро лоақал 3 бор дар як рӯз хушк кунед.*
  - Салфеткаи тозаи латтагӣ ё докагиро ба фатила печонед.
  - Фатиларо ба сурохии гӯши кӯдак ворид намоед.
  - Фатиларо вақте гиред, ки тар шуда бошад.
  - Фатилаи истифодашударо бо наваш иваз намоед ва ин амалро то даме такрор кунед, ки гӯш хушк шавад.

## • *Захмҳои даҳонро бо генсианвиолет муолиҷа намоед.*

- Захмҳои даҳонро ду бор дар як рӯз муолиҷа намоед.
  - Дастҳоро шӯед.
  - Даҳони кӯдакро бо латтаи тозаи дар ангушт печондашуда ва дар маҳлули намакин тар кардашуда тоза кунед.
  - Даҳонро бо генсианвиолет, ки онро дар об як ба як хал кардаанд, коркард (тоза) намоед.
  - Аз сари нав дастҳоро шӯед.

## • *Бо воситаҳои безарар ҳалқро мулоим ва сулфаро осон намоед.*

- Воситаҳои тавсияшавандаи бехатар:
  - Шири сина барои к.дакони комилан дар синамакконӣ қарордошта.
  - Оби гарми ҷ.шонидашуда, оби минералӣ, шири гарм.

  - Аз воситаҳои хатарнок дурӣ \.ед:
  - ингалятсияи бугцусодавӣ.

# ИН МАВОДҲОРО ТАНҲО ДАР АМБУЛАТОРИЯ ДИҲЕД

- **Ба модар фаҳмонед, ки ин маводҳо барои чӣ дода мешаванд.**
- **Вояи мувофиқро тибқи вазни кӯдак (ё синну солаш) муқаррар намоед.**
- **Сӯзандоруи тамъизшударо истифода баред.**
- **Вояро бодиққат чен кунед.**
- **Доруро дар шакли тазриқи дохилимушакӣ диҳед.**
- **Агар бистаригардонии кудак номумкин бошад, аз руи дастурхои гирифтаатон муолича намоед.**

## *Воситаи Зиддибактеривии Дохилимушакӣ диҳед.*

БАРОИ КӮДАКОНЕ, КИ ФАВРАН БА СТАТСИОНАР ФИРИСТОДА МЕШАВАНД ВА ВОСИТАҲОИ ЗИДДИБАКТЕРИЯВИИ ДАҲОНГУЗАРРО ҚАБУЛ КАРДА НАМЕТАВОНАНД:
Вояи аввалӣ амписиллин ва гентамисинро дохилимушакӣ диҳед ва фавран ба стасионар фирфистед.
Инъексияи амписиллинро ҳар 6 соат, гентамисинро 1маротиба дар 1 рӯз, давоми 5 рӯз, такрор намоед.
Баъд онро бо амоксисиллини даҳонгузар барои тамом намудани курси 10 рӯза, иваз намоед.

| Синну сол ё вазн | АМПИСИЛЛИН<br>Воя: 50 мг / кг, ҳар 6 соат.Флакони 500мг дар 2,1мл оби стерилизатсияшуда маҳлулгардонед, ки консентратсияи 500мг/ 2,5мл медиҳад<br># | ГЕНТАМИСИН<br>Воя :7,5мг/кг, 1 маротиба дар 1 рӯз. Ампулаи 80мг/2мл бо 4 мл оби стерилизатсияшуда маҳлул гардонед, ки консентрасияи 20мг/ |
|---|---|---|
| аз 2 то 4 моҳа (4-6 кг) | 1.,5 мл | 1,5-2,25 мл |
| аз 4 то 9 моҳа (6 – 8 кг) | 1.,5--2,0 мл | 2,25-3 мл |
| аз 9 то 12 моҳа (8-10 кг) | 2.0 –2,5мл | 3-3,75 мл |
| аз 12 моҳа то 3 сола (10-14 кг0 | 2,.5 мл—3,5 мл | 3,75-5,25 мл |
| аз 3 сола то 5 сола (14-19 кг) | 3.,5 мл –4,75мл | 5,25-7 мл |

- **АМОКСИСИЛЛИН 45 мг/кг**

| Синну сол ё вазн | ҳаби 500мг | шарбат 250мг/мл |
|---|---|---|
| аз 2 то 4 моҳа (4-6 кг) | 1/2 | 5 мл |
| аз 4 то 11 моҳа ( 7-9 кг) | 3/4-1 | 10 мл |
| аз 12моҳа то 3 сола (10-14 кг) | 1-1 1/2 | 15 мл |
| аз 3 то 5 сола | 1 1/2—1 3/4 | 20 мл |

- ***Ҳангоми думмали гулӯ ва фарангити стрептококкӣ маводи зиддибактериявы диҳед***
  - Бисиллин-1 диҳед.

| **БИСИЛЛИН-1**<br>Тазриқи якдафъаинаи дохилимушакӣ | |
|---|---|
| то 5 сола | 600.000 МЕ |

## ***Нафаскашии астмоидиро муолиҷа намоед, сипас аз сари нав баҳо диҳед, тасниф намоед ва муолиҷа кунед.***

***1) Нафаскашии астмоидиро бо салбутамоле, ки ингалятори воядиҳанда дорад, муолиҷа намоед:***

- Спейсерро (халтаи нафаскаширо) истифода баред.
- 2 вояи салбутамол диҳед (ду бор пахш кардани сарп.шаки ингалятор).
- Агар ингалятори воядиҳанда бо салбутамол набошад, эуфиллинро таъин намоед.

| **БРОНХОЛИТИКҲОИ ЗУДТАЪСИРКУНАНДА** | |
|---|---|
| Салбутамол бо ёрии ингалятори воядиҳанда ва спейсер | 2 воя |
| Маҳлули эуфиллин 2,4 % | 10мг/кг (0,2мл/кг вазн) |

***2) Пас аз 30 дақиқаи додани бронхолитики зудтаъсиркунанда такроран баҳо диҳед:***

- Бубинед, ки аломатҳои умумии хатар ҳастанд.
- Бубинед, ки фурӯравии қафаси сина ҳаст ё не.
- Гӯш кунед.
  ки нафаскашии астмоидӣ ҳаст ё не.
- Бубинед ва гӯш андозед, ки нафаскашии
- ҳуштакдор ҳаст ё не.

- Миқдори нафаскаширо дар як дақиқа ҳисоб кунед.
- Ҳарорати бадани кӯдакро чен кунед.

***3) Тасниф намоед ва оиди муолиҷаи минбаъда қарор қабул намоед.***

***Гипогликемияи кӯдакро ба таври профилактикӣ муолиҷа намоед:***

- ***Агар кӯдак сина макида тавонад :***
  Аз модар хоҳиш намоед, ки кӯдакро макконад.

- ***Агар  кӯдак ҳолати сина макидан надошта бошад, вале фурӯ бурда тавонад:***

Шири синаи \.шидашуда ё ивазкунандаи онро бидиҳед
Агар на ину на он набошад, оби ширин диҳед.
Пеш аз ба роҳ баромадан 30-50 мл шири сина ё оби ширин диҳед.

**Барои тайёр кардани оби ширин: 4 қошуқча шакарро (20 гр) дар 200 мл оби тоза ҳал намоед.**

- ***Агар кӯдак фурӯ бурда натавонад:***

50 мл шир ё оби ширинро ба воситаи мисбори назогастралӣ диҳед.

## *Барои бартараф кардани ихтилоч  диазепам кунед*

- Кӯдакро ба паҳлу хобонед ва роҳҳои нафасро тоза кунед.Ба даҳони кӯдак хеч чиз нагузоред.
- Моеъи диазепамро дар вояи 0,5 мг/кг ба рудаи рост бо сузандоруи на он кадар калони бе сузан( сузандору барои фиристонидани туберкулин) ё бо катетр фиристонед.
- Санҷед, гипогликемия ҳаст ва табобат ё пешгирии онро гузаронед
- Оксиген диҳед ва ба СТАСИОНАР РОҲҲАТ ДИҲЕД.
- Агар ихтилоҷ катъ нагардад баъд аз 10 дақиқа вояи диазепамро  такрор кунед.

| **СИННУ СОЛ Ё ВАЗН** | **ДИАЗЕПАМ**<br>10 мг / 2 мл |
|---|---|
| <6 моха (<5 кг) | 0,5 мл |
| Аз 6 то 12 моха (5-<10 кг) | 1,0 мл |
| Аз 12 моха то 3 сола (10-<14 кг) | 1,5 мл |
| Аз 3 то 5 сола (14-19 кг) | 2,0 мл |

# ҲАНГОМИ ДАРУНРАВӢ БА ТАВРИ ИЛОВАГӢ МОЕЪ БИДИҲЕД ВА ҒИЗОДИҲИРО ДАВОМ ДИҲЕД

*(Маслиҳатҳо оиди ҒИЗОРО дар нақшаи БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД бубинед)*

## Нақшаи А: Дарунравиро дар Хона муолиҷа намоед

***Ба модар аз рӯи 4 Қоидаи Табобати Хонагӣ маслиҳат диҳед:***
***Ба таври иловагӣ Додани Моеъ, Додани Маводҳои Синк ,Давом додани Синамакконӣ, Кай ҳамроҳи Кӯдак баргаштанро Донистан***

*1. БА ТАВРИ ИЛОВАГӢ ДОДАНИ МОЕЪ* (то чи қадаре ки кӯдак нушида метавонад)

- **БА МОДАР БИГӮЕД:**
  - Тез-тез ва ва ёангоми синамаконы дуру дарозтар сина макконад
  - Агар к.дак комилан сина истеъмол намояд, ба вай илова ба синамаконы ОРС ва оби тоза диёед
  - Агар к.дак дар комилан синамаконы царор надошта бошад ба вай як ё якчанд намуди моеъёои зеринро диёед: маёлули ОРС, моеъёо дар асоси маёсулоти х.рокворы (ба мисли ш.рбо, оби бирин\, омехтаёои турши ширы: кефир \урщот ва биолакт) ё оби тоза

  *Махсусан ОРС-ро дар хона додан зарур аст, ҳангоме ки:*
  - *ҳангоми ташрифи мазкур кӯдак аз рӯи нақшаи Б ё В муолиҷа гирифта истода бошад.*
  - *агар дар ҳолати зиёд шудани дарунравӣ имконияти бо кӯдак ба амбулатория баргашман набошад.*

- **БА МОДАР ТАЙЁР НАМУДАН ВА ДОДАНИ ОРС-РО НИШОН ДИҲЕД. БА МОДАР БАРОИ ИСТИФОДА БУРДАН ДАР ХОНА ДУ ХАЛТАЧА ОРС ДИҲЕД.**

- **БА МОДАР НИШОН ДИҲЕД, КИ ИЛОВА БА МИҚДОРИ МУҚАРРАРӢ БОЗ ЧӢ ҚАДАР МОЕЪ ДИҲАД:**
  То 2-сола 50-100 мл баъди ҳар як фазлаи обакӣ.
  2сола ва калонтар 100-200 мл баъди ҳар як фазлаи обакӣ

  **Ба модар бигӯед:**
  - Моеъро аз пиёлача кам-кам ва тез-тез диҳад.
  - Агар дар кӯдак қайкунӣ пайдо шавад, 10 дақиқа сабр кунед. Сипас давом диҳед, вале оҳиста-оҳиста.
  - <u>То пурра қатъ шудани дарунравӣ ба таври иловагӣ додани моеъ зарур аст.</u>

**2. Ҳаби Синк диҳед: кӯдакони аз 2 то** 6 моҳа–10 мг 1 маротиба дар 1 рӯз давоми 14 рӯз; кӯдакони аз 6 моҳа ва калон—20 мг 1 маротиба дар 1 рӯз давоми 14 рӯз;

***3. ДАВОМ ДОДАНИ СИНАМАККОНӢ.***
***4. КАЙ ҲАМРОҲИ КӮДАК БАРГАШТАНРО ДОНИСТАН***
} **Ба нақшаи *БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД* нигаред**

## Нақшаи Б: Беобшавии Муътадилро бо ёрии ОРС муолиҷа намоед.

***Миқдори тавсияшавандаи ОРС-ро дар муддати 4 соат диҳед.***

- **МИҚДОРИ ОРС-РО МУАЙЯН НАМОЕД, КИ ДАР 4 СОАТИ АВВАЛ ДОДАН ЛОЗИМ АСТ**

| СИННУ СОЛ | ТО 4-МОҲА | АЗ 4-МОҲА ТО 12-МОҲА | АЗ 12 МОҲА ТО 2 СОЛА | АЗ 2 СОЛА ТО 5 СОЛА |
|---|---|---|---|---|
| ВАЗН | < 6 кг | 6 -< 10 кг | 10 -< 12 кг | 12 - 19 кг |
| Бо мл | 200-400 | 400-700 | 700-900 | 900-1400 |

** Синну соли кӯдакро вақте истифода баред, ки вазнаш маълум набошад. Миқдори тахминии ОРС (бо мл) ҳамчунин бо роҳи зарб задани вазни кӯдак (бо кг) ба 75 ҳосил шуд метавонад.*

- Агар кӯдак нисбати он ки дар таблитса нишон дода шудааст, зиёдтар нушидан хоҳад, ба вай бештар диҳед.
- Барои кӯдакони аз 6-моҳа хурдтар, ки шири синаро истеъмол намекунанд, дар ин давра (4 соат) 100-200 мл оби тоза дихед

- **БА МОДАР НИШОН ДИҲЕД, КИ ЧӢ ТАВР БА КӮДАК ОРС ДИҲАД**
  - Моеъро аз пиёлача кам-кам ва тез-тез диҳад.
  - Агар дар кӯдак қайкунӣ пайдо шавад, 10 дақиқа сабр кунад, сипас давом диҳад.
  - Дар хама холат синамакконииро давом додан лозим аст.

- **БАЪДИ 4 СОАТ:**
  - Такроран ба ҳолати кӯдак баҳо диҳед ва дараҷаи беобшавиро тасниф намоед.
  - Барои давом додани муолиҷа нақшаи мувофиқ интихоб намоед.
  - Ғизодиҳии кӯдакро дар амбулатория сар кунед.

- **АГАР МОДАР АМБУЛАТОРИЯРО ТО АНҶОМИ МУОЛИҶА ТАРК НАМУДАН ХОҲАД:**
  - Ба вай нишон диҳед, ки маҳлули ОРС-ро дар хона чы тавр тайёр кунад.
  - Ба вай нишон диҳед, ки барои ба анҷом расонидани муолиҷаи 4-соата дар хона чӣ қадар ОРС додан лозим аст. Ба вай миқдори кофии халтачаҳои ОРС диҳед, то ин ки регидрататсияро ба анҷом расонад. Ба вай ҳамчунин 2 халтача ОРС, мисли он ки дар накаи А тавсия карда мешавад, диҳед.
  - Ба модар 4 Қоидаи Табобати Хонагиро фаҳмонед:

***1.БА ТАВРИ ИЛОВАГӢ ДОДАНИ МОЕЪ,***
***2.ДОДАНИ ҲАБИ СИНК***
***3. ДАВОМ ДОДАНИ СИНАМАККОНӢ***
***4. КАЙ ҲАМРОҲИ КӮДАК БАРГАШТАНРО ДОНИСТАН***
} **Ба нақшаи А оиди *моеъҳои* тавсияшаванда нигаред. Ба нақшаи *БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД* нигаред.**

# ҲАНГОМИ ДАРУНРАВӢ БА ТАВРИ ИЛОВАГӢ МОЕЪ ДИҲЕД ВА ҒИЗОДИҲИРО ДАВОМ ДИҲЕД

*(Маслиҳатҳо оиди ҒИЗОДИҲИ дар нақшаи БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД бубинед)*

## • *Нақшаи В: Беобшавии Вазнинро муолиҷа намоед. Зуд Беобшавӣ*

- **БА АҚРАБАКҲО НАЗАР АНДОЗЕД. АГАР «ҲА» БА ТАРАФИ РОСТ АГАР «НЕ» БА ПОЁН НАЗАР АНДОЗЕД**

АЗ ИН ҶО ШУРӮЪ КУНЕД:

**Метавонед гузаронидани чак-чакро (ДВ) фавран сар кунед?** → ҲА →

- Тадохули ДВ-ро фавран сар кунед. Агар кӯдак н.шида тавонад, ҳангоми тадохули ДВ ба воситаи даҳонаш ОРС диҳед. Маҳлули физиологиро дар ҳаҷми 100 мл кг ба таври зерин гузаронед:

| СИННУ СОЛ | АВВАЛ 30 мл/кг диҳед | СИПАС 70 мл/кг дар диҳед |
|---|---|---|
| Кудакони синамакы то як сола (аз 12 моҳа хурдтар) | 1 соат | 5 соат |
| Кӯдакони аз яксола калонтар (аз 12 моҳа то 5 сола) | 30 дақиқа | 2 1/2 соат |

- Агар набзи радиалӣ хеле суст бошад ё муайян карда нашавад, такрор кунед.
- Баъди ҳар 1-2 соат ҳолати кӯдакро аз сари нав баҳо диҳед. – Агар ҳолати гидрататсия беҳ нашавад, суръати чак-чакро тезтар кунед.
- Ҳамин ки кӯдак н.шида тавонист, ОРС диҳед (қариб 5мл/кг/соат): одатан баъди 3-4 соат (кӯдакони то яксола) ё баъди 1-2 соат (кӯдакони аз яксола калонтар).
- Кӯдаки ширмакро баъди 6 соат, кӯдаки аз яксола калонтарро баъди 3 соат такроран баҳо диҳед. Сипас барои муолиҷа нақшаи мувофиқро (А, Б ё В) интихоб намоед.

↓ НЕ

**Оё дар наздикиҳо (дар доираи 30 дақиқа) гузаронидани чак-чак мумкин аст?** → ҲА →

- ФАВРАН ба статсионар барои муолиҷаи ДВ фиристонед.
- Агар кӯдак н.шида тавонад, ба модар маҳлули ОРС диҳед ва нишон диҳед, ки онро дар асно роҳ чы гуна тез-тез диҳад.

↓ НЕ

**Оё барои регидрататсия мисбори назогастралиро (НГ) истифодаи бурда метавонед?** → ҲА →

- Регидрататсияро бо маҳлули ОРС ба воситаи мисбор (ё ба воситаи даҳон) шурӯъ намоед: 20 мл/кг/соат дар муддати 6 соат (ҳамагӣ 120 мл/кг) диҳед.
- Баъди ҳар 1-2 соат кӯдакро такроран баҳо диҳед:
  - Агар кӯдак қайкунии такрорӣ дорад ё дамиши шикам зиёд мешавад, пас моеъро нисбатан оҳистатар диҳед.
  - Агар баъди 3 соат ҳолати гидрататсия беҳтар нашаад, пас кӯдакро барои муолиҷаи ДВ фиристонед
- Ҳолати кӯдакро баъди 6 соат такроран баҳо диҳед. Дараҷаи беобшавиро тасниф намоед. Сипас барои муолиҷа нақшаи мувофиқро (А, Б ё В) интихоб намоед

↓ НЕ

**Кӯдак н.шида** → ҲА (ба ҳамин қисм)

↓ НЕ

**Фавран ба статсионар барои гузаронидани чак-чак фиристед.**

**ЭЗОҲ:**
- Агар мумкин бошад кӯдакро лоақал дар муддати 6 соати баъди анҷоми регидрататсия мушоҳида намоед, то боварӣ ҳосил намоед, ки модар гидрататсияро бо роҳи ба воситаи даҳон дохил намудани ОРС нигоҳ дошта метавонад.

**ҲАР ЯК КӮДАКИ БЕМОРРО БА ТАРЗИ ПЕШБИНИШУДА ЭМКУНИ НАМОЕД.**

# НАЗОРАТИ МИНБАЪДАРО АМАЛӢ НАМОЕД

- **Ба кӯдаки ба ташрифи навбатӣ омада, мутобиқи баҳодиҳӣ ва таснифот дар оғози беморӣ бо истифода аз тавсияҳои чорчӯбаҳои зерин, кумак намоед.**
- **Агар дар кӯдак мушкилоти наве бошад, мисли он ки дар нақшаи *БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД* нишон дода шудааст, баҳо диҳед, тасниф намоед ва муолиҷа кунед.**

## • ИЛТИҲОБИ ШУШ

Баъди 2 рӯз:

Бубинед, ки кӯдак аломатҳои умумии хатар дорад. Баҳо диҳед, ки сулфа ё нафаскашии мушкил ҳаст ё не. Ба нақшаи БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД нигаред. } *Ба нақшаи БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД нигоҳ кунед.*

Бипурсед:

- Кӯдак оҳистатар нафас кашида метавонад?
- Табларза паст шуда истодааст?
- Кӯдак беҳатар хӯрок хӯрда истодааст?
- Нафаскашии астмоидӣ ҳаст?

Муолиҷа**:**

- Агар ***нафаскашии тез ва астмоидӣ ё фурӯравии қафаси сина ё ҳар гуна аломати хатар*** бошад, як вояи хлорамфениколро ба дохили мушак диҳед. Ҳамчунин як вояи бронхолитики зудтаъсиркунанда диҳед. Сипас ФАВРАН ба статсионар фиристонед.
- Агар ***нафаскашии астмоидӣ набошад, вале нафаскашии тез-тез, ҳарорат ва иштиҳо бе тағйир*** бошад, доруи зиддибактериявиро (қатори дуюм) иваз намоед ва ба модар баъди ду рӯз бо кӯдак баргаштанро маслиҳат диҳед ё ба статсионар фиристонед. (Агар кӯдак дар муддати 3 моҳи охир гирифтори сурхча шуда бошад, ба статсионар фиристонед).
- Агар ***басомади нафаскашӣ ва ҳарорат кам шуда бошад ва кӯдак беҳтар гизо хӯрад***, курси 5-рӯзаро бо доруи зиддибактериявӣ ба анҷом расонед. Агар боз нафаскашии астмоидӣ бошад, чи хеле ки дар поён нишон дода шудааст, муолиҷа намоед.
- Агар ***нафаскашии астмоидӣ бошад, вале аломатҳои умумии хатар , нафаскашии тез-тез, ё фурӯравии қафаси сина набошад:***
- Агар ин ҳодисаи аввалини нафаскашии астмоидии кӯдак бошад ё чунин ҳодисаҳо чой доштанд, вале барои муоина фиристода нашуда бошад салбутамол диҳед ва барои муоина фиристонед.
- Агар дар кӯдак лоақал як ҳодисаи нафаскашии астмоидӣ мушоҳида шуда бошад ва ӯ аллакай барои муоина фиристода шуда бошад, ба модар давом додани муолиҷаи таъиншударо маслиҳат диҳед. Ба модар маслиҳат диҳед, ки агар нафаскашии кӯдак нисбатан мушкилтар шавад, бо кӯдак баргардад. Агар кӯдак аз сабаби бадшавии аҳволаш баргашта бошад вайро барои муолиҷаи минбаъда фиристонед.

## • ИЛТИҲОБИ ШУШ НЕСТ. НАФАСКАШИИ АСТМОИДӢ.

Баъди 2 рӯз:
Бубинед, ки кӯдак аломатҳои умумии хатар дорад.
Баҳо диҳед, ки сулфа ё нафаскашии мушкил ҳаст ё не. } *Ба нақшаи БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД нигоҳ кунед.*

Муолиҷа:

- Агар ***ҳар гуна аломати хатар бошад – ҳамчун ИЛТИҲОБИ ВАЗНИНИ ШУШ Ё БЕМОРИИ ХЕЛЕ ВАЗНИН муолиҷа намоед***, баъди вояи бронхолитики зудтаъсир ФАВРАН ба статсионар фиристонед.
- Агар ***нафаскашии тез-тез бошад*** – ҳамчун ИЛТИҲОБИ ШУШ муолиҷа намоед, инчунин салбутамоли даҳонгузар диҳед.
- Агар ***нафаскашии астмоидӣ бошад, вале аломатҳои умумии хатар, нафаскашии тез-тез ё фурӯравии қафаси сина набошад:***

  Агар ин ҳодисаи аввалини нафаскашии астмоидии кӯдак бошад ё чунин ҳодисаҳо чой доштанд, вале барои муоина фиристода нашуда бошад салбутамол диҳед ва барои муоина фиристонед.

  Агар дар кӯдак лоақал як ҳодисаи нафаскашии астмоидӣ мушоҳида шуда бошад ва ӯ аллакай барои муоина фиристода шуда бошад, ба модар давом додани муолиҷаи таъиншударо маслиҳат диҳед. Ба модар маслиҳат диҳед, ки агар нафаскашии кӯдак нисбатан мушкилтар шавад, бо кӯдак баргардад. Агар кӯдак аз сабаби бадшавии аҳволаш баргашта бошад, вайро барои муолиҷаи минбаъда фиристонед.

- Агар ***нафаскашии астмоидӣ набошад*** – курси 5-рӯзаи муолиҷаро бо салбутамол ба охир расонед.

## • ДАРУНРАВИИ ДАВОМНОК

Баъди 5 рӯз: Бипурсед:

- Дарунравӣ қатъ шудааст?
- Чанд бор дар як рӯз кӯдак фазлаи обакӣ дорад?

Муолиҷа**:**

- Агар ***дарунравӣ қатъ нашуда бошад (агар кӯдак мисли пешина 3 бор ва зиёдтар дар як рӯз фазлаи обакӣ дошта бошад)***, баҳодиҳии пурраи такрории кӯдакро гузаронед. Ба статсионар фиристонед.
- Агар дарунравӣ қатъ шуда бошад ***(кӯдак камтар аз 3 бор дар як рӯз фазлаи обакӣ дорад)***, ба модар бигӯед, ки кӯдакро тибқи тавсияҳои муқарарии ғизодиҳӣ барои ин синну сол ғизо диҳад.

# НАЗОРАТИ МИНБАЪДАРО АМАЛӢ НАМОЕД

- Ба кӯдаки ба ташрифи навбатӣ омада, мутобиқи баҳодиҳӣ ва таснифот дар оғози беморӣ бо истифода аз тавсияҳои чорчӯбаҳои зерин кумак намоед.
- Агар дар кӯдак мушкилоти наве бошад, мисли он ки дар нақшаи *БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД* нишон дода шудааст, баҳо диҳед, тасниф намоед ва муолиҷа кунед.

## • ИСҲОЛИ ХУНИН

Баъди 2 рӯз

Ба кӯдак нисбати дарунравӣ баҳо диҳед. *Ба нақшаи БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД нигоҳ кунед.*

Бипурсед:
- Оё шикамравӣ камтар шудааст?
- Оё дар фазла хун кам шуда аст?
- Оё ҳарорат паст шудааст?
- Оё дарди шикам кам шудааст?
- Оё кӯдак беҳтар хӯрок хӯрда истодааст?

Муолиҷа:

- Агар кӯдак камоб шуда бошад, пас беобшавиро муолиҷа намоед.
- Агар ***басомади дарунравӣ, миқдори хун дар фазла, табларза, дардҳои шикам ё иштиҳо дар дараҷаи пешина боқӣ монда бошад ё бадтар шавад:***

Ба доруи зиддибактериявии қатори дуюм гузаред, ки барои муолиҷаи шигеллаз дар маҳалли мазкур тавсия шудааст. Онро дар муддати 5 рӯз диҳед. Ба модар гӯед, ки бо кӯдакаш баъди 1 рӯз баргардад.
Истисно агар кӯдак: - аз 12-моҳа хурдтар бошад ё
- ҳангоми ташрифи аввал беоб шуда буд ё
- дар муддати 3 моҳи охир гирифтори сурхча шуда буд
-

} Ба статсионар фиристонед.

- Агар басомади дарунравӣ, миқдори хун дар фазла, табларза, дардҳои шикам кам шуда бошанд ва иштиҳо беҳтар гардида бошад бо ҳамон доруи зиддибактриявӣ то анҷоми курси табобат муолиҷаро давом диҳед.

## • ФАРИНГИТИ СТРЕПТОКОККЫ ВА ҒАЙРИСТРЕПТОКОККӢ.

Баъди 2 рӯз:
- Агар ҳарорат паст нашуда бошад ва дарди гулӯ боқӣ монда бошад, ба статсионар фиристонед.
- Агар ҳарорат паст ва дарди гулӯ кам шуда бошад, барои мулоим кардани гулӯ додани воситаҳои бехатарро дар муддати 5 рӯз давом диҳед.

## • ТАБЛАРЗА

Рӯзи 2-юм.
Баҳодиҳии пурраи такрории кӯдакро гузаронед. > *Ба нақшаи БАҲО ДИҲЕД ва ТАСНИФ НАМОЕД нигоҳ кунед.*
Ба дигар сабабҳои имконпазири табларза баҳо диҳед.
- Агар кӯдак ***ҳар гуна аломати хатар ё казозати мушакҳои экафои косахонаи сар*** дошта бошад, ҳамчун БЕМОРИИ ХЕЛЕ ВАЗНИНИ ФЕБРИЛӢ муолиҷа намоед.
- Агар дар кӯдак ҳар гуна сабабҳои дигари табларза бошанд, муолиҷа намоед.
- Агар дар кӯдак вараҷа имконпазир бошад – барои муоина фиристонед.
- Агар дар кӯдаки минтақаи вараҷа бо таснифи СИРОЯТИ ИМКОНПАЗИРИ БАКТЕРИЯВӢ беҳтаршавии аҳволаш мушоҳида нагардад, намунаи хунро барои вараҷа гиред.
- Агар табларза аз 5 рӯз зиёдтар нигоҳ дошта шуда бошад – барои муоина фиристонед.

## • ВАРАҶАИ ИМКОНПАЗИР

Муоинаи навбатӣ баъди 1 рӯз:
- Агар натиҷаи намуна вараҷаро тасдиқ намоянд – ба статсионар фиристонед.
- Агар вараҷа истисно карда шавад – ҳамчун ТАБЛАРЗА муолиҷа намоед.

## • СУРХЧА БО ОРИЗАҲОИ ЧАШМ ВА ДАҲОН

Баъди 2 рӯз:
Бубинед, ки чиркравии чашм ва сурхшавии онҳо мушоҳида мегардад.
Бубинед, ки дар даҳон захмҳо ҳастанд.
Аз даҳон бӯй меояд.

Сирояти Чашмро муолиҷа намоед:
- Агар аз чашм чирк равад, аз модар хоҳиш намоед, ки чӣ гуна муолиҷа карданашро бигӯяд. Агар муолиҷа дуруст гузаронида шуда бошад ба статсионар фиристонед.
- Агар чиркравӣ қатъ шуда бошад, вале сурхии чашмон боқи мондаанд, муолиҷаро давом диҳед.
- Агар чиркравӣ ё сурхшавии чашмҳо набошад, муолиҷаро қатъ намоед.

Муолиҷаи захмҳои даҳон:
- Агар захмҳо бадтар шуда бошанд ё бӯи бади даҳон бошад, ба статсионар фиристонед.
- Агар захмҳои забон бе тағйир монанд ё беҳтаршавӣ мушоҳида гардад, муолиҷаро бо генсианвиолети дутақсимкардашуда дар муддати 5 рӯз давом диҳед.

# НАЗОРАТИ МИНБАЪДАРО АМАЛӢ НАМОЕД

- **Ба кӯдаки ба ташрифи навбатӣ омада, мутобиқи баҳодиҳӣ ва таснифот дар оғози беморӣ бо истифода аз тавсияҳои чорчӯбаҳои зерин кумак намоед.**
- **Агар дар кӯдак мушкилоти наве бошад, мисли он ки дар нақшаи *БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД* нишон дода шудааст баҳо диҳед, тасниф намоед ва муолиҷа кунед.**

## • СИРОЯТИ ГӮШ

Баъди 2 рӯз:

Такроран ба мушкилоти марбути гӯшҳо баҳо диҳед. > *Ба нақшаи БАҲО ДИҲЕД ВА ТАСНИФ НАМОЕД нигоҳ кунед.*

Ҳарорати бадани кӯдакро чен кунед.

Муолиҷа:

- Агар дар кӯдак ***варами дардовари паси гӯш ё табларзаи баланд (38,5 С ё зиёдтар)*** бошад, ФАВРАН ба статсионар фиристонед.
- ***Сирояти шадиди гӯш: агар дард ё чиркравӣ аз гӯш*** боқӣ монад, бо ҳамон доруи зиддибактерияви ба таври иловагӣ 5 рӯз муолиҷа намоед. Бо фатила хушк намудани гӯшро давом диҳед. Ташрифи навбатӣ баъди 3 рӯз.
- Агар ***дард ё чиркравии гӯш*** набошад, модарро барои муолиҷаи дурусташ таъриф намоед. Агар вай ҳанӯз курси 5-рӯзаи муолиҷа бо доруи зиддибактриявиро тамом накарда бошад, ба вай гӯед, ки ҳамаи доруҳоро пеш аз қатъкунии муолиҷа истифода барад.

## • МУШКИЛОТИ ҒИЗОДИҲӢ

Баъди 5 рӯз:

Такроран ба ғизодиҳӣ баҳо диҳед. > *Ба саволҳои қисми болоии нақшаи МАСЛИҲАТ ДИҲЕД нигаред.*
Дар бораи мушкилоти ғизодиҳӣ, ки ҳангоми таширифи аввал ошкор шуда буданд, бипурсед.

- Ба модар оиди ҳар гуна мушкилоти ошкоршуда ё боқимондаи ғизодиҳӣ маслиҳат диҳед. Агар шумо дар таҷрибаи ғизодиҳӣ тағйиротҳои ҷиддӣ дохил кардан мехоҳед, аз модар такроран овардани кӯдакро хоҳиш намоед.
- Агар кӯдак вазни барои синну солаш кам дошта бошад, аз модар хоҳиш намоед, ки барои назорати зиёдшавии вазн баъди 30 рӯз пас аз ташрфи аввалин ҳозир шавад.

## КАМХУНӢ

Баъди 14 рӯз:

- Маводҳои оҳандор диҳед. Аз модар барои гирифтани миқдори иловагии дору баъди 14 рӯз омаданро хоҳиш намоед.
- Баъди ҳар 14 рӯз додани маводҳои оҳанро дар муддати 2 моҳ давом диҳед.
- Агар баъди 2 моҳ паридарангии кафҳои дасти кӯдак боқӣ монанд, барои муоина фиристонед.

## • ВАЗНИ КАМ

Баъди 14 рӯз:
Кӯдакро баркашед ва ҳал намоед, ки вазни вай мисли пештара барои синну солаш кам аст.
Такроран ба ғизодиҳӣ баҳо диҳед. > *Ба саволҳои қисми болоии нақшаи МАСЛИҲАТ ДИҲЕД нигаред.*

Муолиҷа:

- Агар вазни кӯдак ***дигар барои синну солаш кам набошад***, модарро таъриф кунед ва гӯед, ки муолиҷаро давом диҳад.
- Агар кӯдак мисли пештара ***вазни барои синну солаш кам*** дошта бошад, ба модар оиди ҳар гуна мушкилоти ошкоршудаи ғизодиҳӣ маслиҳат диҳед. Аз вай бо кӯдак баъди як моҳ омаданро хоҳиш намоед. Назорати ҳармоҳаи кӯдакро то даме давом диҳед, ки вай нағз хӯрок хӯрад ё мунтазам вазнаш зиёд шавад ё то даме ки вазни ӯ барои синну солаш дигар кам набошад

***Истисно***:
Агар шумо ба беҳтаршавии таҷрибаи щизодихии кӯдак ш.бха дошта бошед ё кӯдак ***вазнашро гум карда бошад***, вайро ба статсионар фиристонед.

АГАР ДАР АСОСИ ТАШРИФИ АВВАЛИН Ё ҲОЗИРА БАРОИ ТАШРИФҲОИ МИНБАЪДАИ ИЛОВАГӢ ЗАРУРИЯТ БОШАД, БА МОДАР **ВАҚТИ ТАШРИФИ НАВБАТИРО** БИГӮЕД

ҲАМЧУНИН БА МОДАР ФАҲМОНЕД, КИ **КАЙ ФАВРАН БАРГАРДАД** (БА НАҚШАИ *МАСЛИҲАТ ДИҲЕД* НИГАРЕД )

# БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД

## ҒИЗОДИҲӢ

### *Ба гизодиҳии кӯдак баҳо диҳед*

Дар бораи он савол диҳед, ки кӯдак дар ҳолатҳои муқаррарӣ ва ҳангоми беморӣ чӣ гуна х.рок мехӯрад. Ҷавобҳои модарро бо тавсияҳо Оиди Ғизодиҳии ба синну солаш мувофиқ, ки дар чорчӯбаи поён оварда шудаанд, муқоиса намоед.

***БИПУРСЕД:***

- Кӯдакро сина мемаконед?
  - Баъди таваллудаш кӯдакро кай бори аввал сина маконидед?
  - Ҳангоми ғизодиҳӣ кӯдак чанд вақт сина мемакад?
  - Чанд бор дар як рӯз?
  - Шабона сина мемаконед? Шумо аз рӯи соат ё бо талаби кӯдак сина мемаконед?
- Кӯдак ягон хел хӯроки дигар ё моеъро истеъмол менамояд?
  - Кадом хӯрок ё моеъ? Кай боз? Чанд бор дар як рӯз?
  - Ҳангоми ғизодиҳии кӯдак шумо аз чӣ истифода мебаред (шишача, қадаҳча, пиёла, қошуқча)?
  - Агар кӯдак вазни барои синну солаш кам дошта бошад: ҳаҷми ҳар ғизодиҳӣ чӣ қадар аст? Оё кӯдак ҳиссаи хоси худашро мегирад?
  - Кӯдакро кӣ ва чӣ гуна ғизо медиҳад?
- Оё дар вақти бемори характери ғизодиҳӣ тағйир ёфт?

## ИНКИШОФ

### *Нигоҳубин бо мақсади инкишоф*

Ба модар оиди нигоҳубин ба мақсади инкишофи кӯдак савол диҳед. /авобҳои модарро бо маслиҳатҳои барои синну соли кӯдак хос будаи Нигоҳубин бо мақсади инкишоф, ки дар чорчӯбаи поён оварда шудааст, муқоиса намоед.

**ПУРСЕД:**

- Шумо чӣ тавр бо кӯдакатон бозы мекунед?
- Шумо чӣ тавр бо кӯдакатон муоширaт менамоед?

# Тавсияҳо оиди ғизодиҳии кӯдакони солим ва бемор

**то 6 моҳа**



Кӯдакро аз рӯи хоҳишаш маконед, на аз рӯи соат, лоақал дар як шабонарӯз 8 маротиба.

**Дигар намуд ғизо ва моеъҳо надиҳед:**

об, чой, шарбатҳо (сабзигӣ, лаблабӯгӣ ё мевагӣ)

Ғизоҳои сунъӣ, намудҳои гуногуни шир ва шавлаҳо.

Кӯдакро ҳангоми зоҳир намудани аломатҳои гушнагӣ ғизо диҳед: бекарор шудан, макидани ангуштон ё бо воситаи лабҳо ҳаракати макидан намудан. Гиря кардани кӯдакро мунтазир нашавед.

***Бозӣ кунед:*** *Ба к.дак имконияти дидан, шунидан ва ҳаракат карданро аз вақти таваллуд муҳайё намоед*



Бо ашёҳои калон, ранги равшандошта ва ашёҳои нав таъмин намоед, то ки кӯдак ба тарафи он харакат намояд худро дароз кунад ва онро дида тавонад.

***Муошират намоед:*** *Ба чашмони кӯдак нигоҳ карда, табассум намоед. Синамаконӣ вақти беҳтарин барои муоширатбо кӯдак мебошад.*



Бо мурури инкишоф ёфтани кӯдак бо ӯ бисёртар гап занед ва дар рафти сӯҳбат ҳар гуна садоҳо бароред ва ҳар гуна ҳаракатҳо намоед.

**аз 6 то 12 моҳа**



Кӯдакро аз рӯи хоҳишаш на камтар аз 6 бор дар як шабонарӯз маконед.

ғизои иловагиро то синамаконы диҳед.

Миқдори кофии хӯроки қуюқ диҳед:

-пюреи сабзавотӣ (картошка, сабзӣ, лаблабӯ, каду бо як қошуқча равғани растанӣ),

- шӯлаҳои шири бо як қошуқча равғани маска (биринҷӣ, манка)
- гӯшти бурида ё қимаи ҷӯшонидашуда (гӯшти камравғани гов, гӯсфанд мурғи марҷон, мурғ), ҷигар ё моҳӣ, зардии тухм, творог.
- лӯбиёи кӯфта ва ҷӯшонидашуда, наск, лапша, хамир, нон.
- меваҳои тару тоза

Агар кӯдак нӯшидан хоҳад, ба вай:

- ҷурғот, кефир, биолакт ё чаккаи дар оби ҷӯшонидашуда 1:1 омехташуда, шарбатҳо кампоти на он қадар ширин, оби ҷӯшонидашуда

**Чой надиҳед!**

Агар кӯдак сина мемакида бошад, дар як рӯз 3 маротиба хӯрок диҳед..

Агар кӯдак сина намакад, дар як рӯз 5 маротиба хӯрок диҳед.

Ба дасти кӯдак барои хоидан ҳиссаҳои хурди хӯрокро диҳед. Ба кӯдак имконият диҳед мустақилона хӯрок хӯрад, ва дар вақти хӯрокхӯрӣ ба ӯ кӯмак намоед .

***Бозӣ кунед:*** *Ба кӣдак ашёҳои тоза ва бехатари хонагиро, ки вай онро дошта тавонад, бо он садо барорад ва онро партояд*



***Муоширот намоед:*** *Ба садо ва шавқу рағбати ӯ ҷавоб диҳед. Ба кӯдак номи ашё ва номи одамонро гӯед.*

**аз 12 моҳа то 2 сола**



Кӯдакро аз рӯи хоҳишаш чӣ қадаре,ки хоҳад макконидан лозим аст.

Ба кӯдак аз дастурхони оилавӣ, ки аз:

Сабзавоти майда реза карда пухташуда (картошка, сабзӣ, лаблабӣ, каду).

Гӯшти камравӯани куфта ё майдарезакардашуда ё қимаи гӯшти пухташуда.

Тухм ва маҳсулоти ширӣ (чакка, творог, кефир, ҷурғот).

- шӯлаҳои ширӣ бо як қошуқча равғани маска (биринҷӣ, манка), отала.
- лӯбиёи кӯфта ва ҷӯшонидашуда, наск, лапша, хамир, нон.
- меваҳои тару тоза

**Чой надиҳед!**

Кӯдакро 5 маротиба хӯрок диҳед, бо иловаи хӯроки сахар.

3 маротиба аз дастурхони оилавӣ.

2 маротиба хӯроки иловагӣ: меваҳо, кефир ё ҷургот бо нон , творог, нони хушк.

Ҳар як хӯроки асосиро на камтар аз 300 мл (1,5 стакон) диҳед.

Шакар ва намакро дар хӯрокаи кӯдакон маҳдуд намоед. Агар намак истифода бурдани бошед, танҳо намаки йоднокро истифода баред.

Ба хӯрокхурии кӯдак фаъолона кӯмак расониданро давом диҳед..

***Бозӣ кунед:*** *Ба кӯдакон бозичаҳоеро диҳед, ки онҳоро дар контейнер ҷамъ кардан ё болои ҳам гузоштан ва аз контейнер гирифтан мумкин бошад.*



***Муошират намоед:*** Ба к.дак саволёои одды диёед. Ба к.шишёои к.дак, ки ба Шумо \авоб додан мехоёад, \авоб диёед. Бо . ба бозии «хайр набошад» машщул шавед.

**Аз 2 сола ва боло**



Ба к.дак пурра аз дастурхони оилавӣ хӯрок диҳед.

Ҳамаи қисматҳои хӯрокро бе истисно диҳед.:

- гӯштро майда реза намоед, биринҷшӯрбо бо илова кардани чакка, отала.
- сабзавоти тайёркардашуда диҳед.
- пиёбаҳо: наск нахӯд, мастова ва ғ.
- меваҳои тару тоза, шарбатҳо.

**Чой надиҳед !**

Ба кӯак дар як рӯз 3 маротиба аз дастурхони оилавӣ хӯрок диҳед.

Ҳар як хӯрок 350 мл бошад (2 стакони нимпур).

Ду хӯроки иловагӣ диҳед:

- себ ё дигар меваҳо, кефир ё ҷурғот бо нон, чакка, творог, нони хушк.

Истеъмоли шириниҳо (конфет, шоколад) ва нӯшокиҳои тиҷоратии газнокро маҳдуд намоед.

Таомҳои ҳархеларо пешкаш намоед. Агар кӯдак аз хӯрдани хӯроки нав даст кашад, ба ӯ якчанд маротиба хӯрокро пешкаш намоед. Ба кӯдак нишон диёед, ки хӯрок чи хел ба Шумо маъқул аст.

***Бозӣ кунед:*** Ба кӯдакатон барои ҳисоб кардан, ном гирифтани бозича ва муқоиса кардани он кӯмак намоед.



***Муошират намоед:*** *Кӯдакро барои гап задан ҳавасманд намоед. Ба саволҳои кӯдакатон ҷавоб диҳед. Ба кӯдакатон, нақл кардан, суруд хондан ва бозӣ карданро ёд диҳед.*

### Маслиҳатҳо оиди ғизодиҳӣ ба кӯдаки гирифтори ДАРУНРАВИИ ДАВОМНОК

Агар кӯдак шири сина маккад, ба ӯ шири синаро тез-тез ва бисёртар диҳед, хоҳ шаб бошад, хоҳ рӯз.

Агар кӯдак намудҳои дигари шир хӯрад:

ӯро бо синамакконии муттасил иваз кунед, Ё

Бо маҳсулоти ширии бо ферментҳо ғанигардонидашуда, ба мисли кефир, ҷурғот, биолакт иваз кунед, Ё

- нисфи ширро бо хӯрокаи нимсуюқи аз витаминҳо бой, ба мисли пюреи сабзавотӣ (картошка, сабзӣ ва каду) ва шӯлаи биринҷӣ иваз кунед

Нисбати дигар маҳсулотҳо мувофиқи синну сол, аз рӯи тавсияҳо рафтор намоед.

## • *Ба модар оиди мушкилоти ғизодиҳӣ маслиҳат диҳед*

**Агар ба кӯдак мисли дар боло тавсиядодашуда ғизо надиҳанд, ба модар маслиҳати мувофиқ диҳед. Илова бар ин:**

- **Агар модар дар синамакконӣ мушкилотеро эҳсос намояд, ба синамакконӣ баҳо диҳед (Ба нақшаи *НАВЗОДИ БЕМОР* нигаред).**
- Аҳамияти синамакрониро таъкид намоед ва модарро барои бештар синамакконидан роҳнамои кунед. Модарро бовар кунонед, ки аз руи соат маккондани кудак нодуруст аст.
- Дар сурати зарурат ба модар техникаи дуруст ба сина гузоштани кӯдак ва ҳолати кӯдакро ҳангоми ғизодиҳӣ нишон диҳед.
- **Агар кӯдак аз 4-моҳа хурдтар бошад ва аллакай дигар намудҳои шир ё дигар ғизоро истеъмол намояд:**
- Боварии модарро ба он бештар намоед, ки вай метваонад он қадар шири сина дошта бошад, ки барои кӯдак зарур аст.
- Ба модар бештар ва дарозтар, рӯзу шаб сина макконданро таклиф намоед ва тадриҷан дигар намудҳои шир ва ғизоро кам намояд. (Вақте ки оиди синамакконӣ маслиҳат медиҳед, боварӣ ҳосил намоед, ки кӯдак озодона парпеч шудааст).
- **Агар модар барои додани дигар намудҳои шир ё омехтаҳои сунъӣ маҷбур бошад, ба вай ба таври зерин маслиҳат диҳед:**
- Ба кӯдак то мумкин аст бештар, мувофиқи талаботаш сина макконед.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки хӯрок ба ивазкунандаҳои шири сина мувофиқ аст.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки ғизо дуруст ва бо риояи қоидаҳои беҳдошт тайёр карда мешавад, масалан, 125 мл ширро бо 75 мл об ва 3 қошуқча шакар аз рӯи ҳисоби 200 мл (70 ккал/100 мл) омехта намоед.
- Ғизоро ба миқдори кифоя диҳед (5-6 бор дар як рӯз ё 800-1100 мл дар як рӯз).
- Омехтаи ширии тайёркардашударо дар муддати як соат истифода баред.
- **Агар кӯдак шӯлаи обакӣ ё на он қадар суюкро истеъмол менамуда бошад, ба модар маслиҳат диҳед**:
- Ба он миқдор об ё шире, ки истифода мебарад, бештар ярмаро илова намояд.
- Шӯларо бо илова кардани 1/2 қисми об ва 1/2 қисм шир бо истифодаи намаки йоднок тайёр намояд.

- **Агар кӯдак аз шишача ғизо дода шавад**:
- Шишачаро бо қадаҳча иваз намоед
- Ба модар чӣ гуна аз қадаҳча ғизо доданро нишон диҳед.
- **Агар кӯдак чой истеъмол мекарда бошад:**
- Чойро бо дигар нушокӣ иваз намоед.
- Кефир ё ҷурғот, компот, шарбатҳои мевагӣ ё оби ҷушондашударо истифода баред.
- **Агар ғизодиҳии кӯдак фаъол набошад, ба модар маслиҳат диҳед**: Дар паҳлӯи кӯдак нишаста, ӯро барои хӯрок хӯрдан розӣ намояд.
- **Агар кӯдак ҳангоми беморӣ бад ғизо хӯрад, ба модар маслиҳат диҳед:**
- Агар имкон бошад, бештар ва муддатан дарозтар сина макконад.
- Ба кӯдак хӯрокҳои нарм, ҳархела ва дӯстдоштаашро диҳад, то ин ки вай ҳар чи бештар хӯрок хӯрад.
- Ба кӯдак тез-тез ва кам-кам хӯрок диҳад.
- Бинии маҳкамшудаашро тоза намояд, агар ин барои ғизохӯрӣ халал мерасонида бошад.
- Ба андозаи сиҳатшавии кӯдак беҳтаршавии иштиҳояшро нигарон бошад.

**Ташрифи навбаты оиди ëар гуна мушкилоти щизо пас аз 5 р.з.**

## • *Ба Модар Оиди Мушкилоти Нигоҳубин бо Мақсади Инкишоф Маслиҳат Диҳед*

Агар нигоҳубин бо мақсади инкишофро чӣ тавре, ки тавсия кардаанд нагузаронанд, модарро маслиҳати мувофиқ диҳед. Дар илова ба ин:

- **Агар модар сина макконида натавонад, маслиҳат диҳед:**
- Дар вақти синамакконӣ кӯдакро ба худ ҷафс кунед, ба ӯ нигоҳ кунед, бо ӯ гап занед ва ба ӯ шеър хонед.

- **Агар модар надонад, ки кӯдакаш бозӣ ва муносибат карда метавонад:**
- Ба модар хотиррасон кунед, ки кӯдакон аз таваллуд бозӣ ва муносибат мекунанд.
- Ба ӯ нишон диҳед, ки кӯдак чӣ тавр эътино мекунад.

- **Агар модар ҳис кунад, ки вақти ӯ барои таъмин намудани нигоҳубин бо мақсади инкишоф намерасад:**
- Нигоҳубин бо мақсади инкишофро бо дигар намуди нигоҳубини кӯдак якчоя кунед (ғизодиҳӣ, оббозӣ, либоспӯши)
- Аз аъзоёни дигари оила хоҳиш намоед ба нигоҳубин бо мақсади инкишоф ё ба дигар корҳои оила кӯмак расонанд.

- **Агар модар барои бозӣ кардани кӯдак бозичаҳо надошта бошад, ба ӯ маслиҳат диҳед:**
- Ҳама гуна предметҳои хонагии тоза ва бехавфро истифода барад.
- Бозичаҳои оддӣ созад.
- Бо кӯдак бозӣ кунад, чунки кӯдак бо дигарон бозӣ карда, меомӯзад.

- **Агар кӯдак эътино накунад ё «хоболуд» намояд:**
- Ба модар маслиҳат диҳедбарои ҳаракаҳои инкишофёбанда ҳавасмандкунии иловагиро таъмин намояд.
- Санҷед, ки оё кӯдак дида ё шунавида метавонад.
- Кӯдаке, ки мушкилоти бинои ё шунавоӣ дорад ба назди мутахассис фиристед.
- Ба модар ва дигар аъзоёни оила маслиҳат диҳед, ки инчунин барои ҳавасмандкунии ҳиссиётҳои дигар бо ҳаракатҳои иловагӣ таъмин намояд (даст расонидан, ҳаракат).

- **Агар кӯдакро модар тарбият кунад, ба шахси ӯро нигоҳубинкунанда кӯмак расонед:**
- Ақаллан як шахсро муайян намоед, ки тавонад доимо ба кӯдак бо муҳаббат ва диққат нигоҳубин кунад.
- Сабру тоқат ва мунтазир шудан лозим аст, ки бо нигоҳубини нағз кӯдак метавонад ҷудошавӣ (гум кардани) аз волидонро фаромӯш кунад.

# МОЕЪҲО

## • *Ба модар Зиёд намудани Ҳаҷми Моеъҳоро Ҳангоми Беморӣ Маслиҳат диҳед.*

**БАРОИ ҲАР ЯК КӮДАКИ БЕМОР**

- Синамакканиро тез-тез ва муддатан дарозтар намудан
- Ҳаҷми моеъро зиёдтар намояд. Масалан, пиёба, оби биринҷ, кефир, чолоб, биолакт ё оби тоза

**БАРОИ КӮДАКИ ГИРИФТОРИ ДАРУНРАВӢ:**

- Ворид намудани моеи иловагӣ метавонад ҳаёти кӯдакро наҷот диҳад. Ба кӯдак мувофиқи Нақшаи А ё Нақшаи Б дар ҷадвали *КӮДАКРО МУОЛИҶА НАМОЕД,* моеъ диҳед.
.

## *Ба Модар Маслиҳат диҳед, ки Кай такроран ба Корманди Тиб Муроҷиат Намояд*

***ТАШРИФИ НАВБАТӢ***

Ба модар маслиҳат диҳед, ки барои ташрифи навбатӣ на дертар аз мӯҳлатҳои барои ҳар як беморӣ нишондодашуда биёяд.

| **Агар кӯдак** | **Ташрифи навбатӣ баъди** |
|---|---|
| ВАРАҶАИ ИМКОНПАЗИР | 1 рӯз |
| ИЛТИҲОБИ ШУШ НЕСТ. НАФАСКАШИИ АСТМОИДӢ.<br><br>ИЛТИҲОБИ ШУШ, ИСҲОЛИ ХУНИН, СИРОЯТИ ШАДИДИ ГӮШ ТАБЛАРЗА, агар табларза давом ёбад<br>СУРХЧА БО ОРИЗАҲО – ЧАШМ ВА ДАҲОН<br>ФАРИНГИТИ СТРЕПТОКОККИ ВА ҒАЙРИСТРЕПТОКОККӢ | 2 рӯз |
| ДАРУНРАВИИ ДАВОМНОК<br>МУШКИЛОТИ ҒИЗОДИҲӢ<br>ҲАР ГУНА БЕМОРИҲОИ ДИГАР, агар беҳшавӣ набошад | 5 рӯз |
| КАМХУНӢ | 14 рӯз |
| ВАЗНИ КАМ БАРОИ СИННУ СОЛАШ | 14 рӯз |

*
***Ҳодисаҳои сурхча бояд дар хона назорат шаванд, на дар амбулатория.***

ТАШРИФИ НАВБАТИИ ПРОФИЛАКТИКӢ

***КАЙ ФАВРАН БОЯД БАРГАШТ***

| **Ба модар маслиҳат диҳед, ки фавран баргардад, агар дар кӯдак яке аз аломатҳои зерин бошад:** | |
|---|---|
| Ҳар гуна кӯдаки бемор | • Нӯшида ё сина маккида натавонад<br>• Ҳолаташ бадтар шавад<br>• Табларза пайдо шавад |
| Агар дар кӯдак ИЛТИҲОБИ ШУШ набошад. СУЛФА Ё ЗУКОМ, ҳамчунин баргаштан лозим аст, агар | • Нафаскашии тез-тез<br>• Нафаскашии вазнин |
| Агар кӯдак гирифтори дарунравӣ бошад, ҳамчунин баргаштан лозим аст агар: | • Хун дар фазла<br>• Бад менӯшад |

- ***БА МОДАР ОИДИ МАСЪАЛАҲОИ САЛОМАТИИ ШАХСИАШ МАСЛИҲАТ ДИҲЕД***

    - Агар модар бемор бошад, ба вай ёрӣ расонед ё барои ёрӣ расонидан фиристонед

    - Агар модар мушкилоте оиди ғадудҳои сина ( ба мисли: сахтшавӣ, илтиҳоби пистонакҳо, сирояти ғадудҳои сина) дошта бошад, ёрӣ расонед ё барои ёрӣ расонидан фиристонед

    - Ба вай маслиҳат диҳед, ки барои нигоҳ доштани саломатӣ нағз ғизо хӯрад

    - Агар зарур бошад, вазъи моякӯбии модарро тафтиш намоед

    - Боварӣ ҳосил намоед, ки ба модар дастрас аст:

      – Усулҳои танзими оила
      – Тавсияҳо оиди ҷилавгирии бемориҳои зӯҳравӣ, СПИД ва норасоии йод

# НАВЗОДИ БЕМОРРО ДАР СИННИ ТО 2 МОҲАГӢ БАҲО ДИҲЕД, ТАСНИФ НАМОЕД ВА ТАБОБАТРО МУАЙЯН НАМОЕД

## БАҲО ДИҲЕД

**АЗ МОДАР ОИДИ МУШКИЛОТИ КӮДАК БИПУРСЕД:**

- Муайян намоед, ки мурочиат намудан оиди масъалаи мазкур нахустин аст ё такрорӣ.
  - Агар мурочиат такрорӣ бошад, дастурхоро аз қисми поёнии ин схема истифода баред.
  - Агар мурохолати навзодро ба таври зерин бахо дихед:

## ТАСНИФ НАМОЕД

## МУОЛИЧАРО МУАЙЯН НАМОЕД

***БАРОИ ТАСНИФИ БЕМОРӢ ҲАМАИ ФАСЛҲОИ /АДВАЛРО ИСТИФОДА БАРЕД, КИ БА АЛОМАТҲО ВА МУШКИЛОТИ КӮДАК МУВОФИҚАТ МЕКУНАНД.***

**БЕМОРИИ НИҲОЯТ ВАЗНИН Ё СИРОЯТИ БАКТЕРИЯВИИ ЧУЗЪИРО ЧУСТУЧӮ НАМОЕД.**

| ***БИПУРСЕД*** | ***БУБИНЕД, ГӮШ КУНЕД, ЭҲСОС НАМОЕД.*** |
|---|---|
| • Оё хангоми хурокдихи мушкилот дида мешавад | • Шумораи нафаскаширо дар як дақиқа ҳисоб кунед.<br>• Агар нафаскаши аз 60 мароти дар як дақиқа зиёд бошад, ҳисобро такрор намоед.<br>} Навзод бояд ором бошад<br>• Фурӯравии қафаси синаро муайян кунед.<br>• Таби оксилярии тифлро санчед<br>• Нофро муоина кунед. Оё сурхшавӣ ё чудошавии зардоб мушоҳида мешавад? |
| • Оё кӯдак ихтилоч дошт? | • Думмалҳои (гноймнички) пӯстиро муайян намоед.<br>• Ҳаракатҳои тифлро назорат намоед<br>• Агар тифл хуфта бошад аз модар хоҳиш намоед ӯро бедор намояд<br>• Тифл мустақилона ҳаракат мекунад?<br>• Агар тифл ҳаракат накунад, ҳаракати вайро оҳиста стимулятсия намоед<br>• Магар тифл ҳангоми стимулятсия ҳаракат наму баъд боз мистад?<br>• Тифл тамоман беҳаракат мемонад?<br>• Ҷоришавии рим аз чашмон мушоҳида мешавад?<br>• Чашмон варамидаанд? |

***ҲАМАИ НАВЗОДОНРО таснифнамоед***

| АЛОМАТҲО : | ТАСНИФ НАМОЕД | МУОЛИЧА (муоличаи таъхирнопазир пеш аз бистарӣ гардонидан чудо карда шудааст) |
|---|---|---|
| **Ягон аз инҳо:**<br>• Бад хӯрок мехӯрад ё<br>• Рагкашӣ ё<br>• Нафаскашии бошшидат (60 ва аз ин зиёд дар 1 дақиқа) ё<br>• Фурӯравии айёни қафаси сина ё<br>• Табларза (**37,5°C*** ва баланд) ё<br>• Ҳарорати пасти бадан (35.5°C ва поён*)<br>•• Ҳаракат фақат ҳангоми стимулятсия ё ба тамом қатъгардии ҳаракатҳо | **БЕМОРИИ НИҲОЯТ ВАЗНИН** | • ***Вояи аввали антибиотики дохилимушакиро диҳед***<br>• ***Ба таври профилактикӣ гипогликемияро муолиҷа намоед***<br>• ***Ба модар маслиҳат диҳед, ки дар роҳи то статсионар кӯдакро чӣ тавр гарм нигоҳ дорад***<br>• ***ФАВРАН ба статсионар фиристонед**** |
| • Сурхшавии ноф ё чиркравӣ ё<br>• Чиркхонаҳои пӯст | СИРОЯТИ МАҲАЛЛИИ БАКТЕРИЯВӢ | • ***Доруи мувофиқи зиддибактриявӣ диҳед***<br>• Ба модар муолиҷа намудани сирояти чузъиро дар хона ёд диҳед<br>• Ба модар оиди нигоҳубини навзод дар хона маслиҳат диҳед |
| • Нишонахои бемории нихоят вазнин ё сирояти бактериявии маалли вучуд надоранд | ВУҶУД ДОШТАНИ БЕМОРИИ ВАЗНИН Ё СИРОЯТИ МАҲАЛЛӢ ҒАЙРИИМКОН МЕБОШАД | • Ба модар оиди нигоҳубини навзод дар хона маслиҳат диҳед |

# Зардпарвини эхтимолиро кобед

| | | |
|---|---|---|
| Агар зардшави бошад, **ПУРСЕД:**<br>· Кай якум бор зардшави пайдо шуд? | ***НИГАРЕД, ШУНАВЕД, ҲИС НАМОЕД БАХО ДИХЕД*:**<br>Зардпарвинро кобед (зардшавии қарнияи чашм ё пӯст).<br>· Ба панчаҳои дастон ва пойҳои навзод нигаред. Зардшавӣ ҳаст? | ***ЗАРДПАРВИНРО тасниф намоед*** |

| | | |
|---|---|---|
| • Ҳар гуна зардпарвин дар навзоди синни то 24 соата ё<br>• Зардшавии панчаҳои дастону пойҳо дар ҳамагуна синну сол | **ЗАРДПАРВИНИ ВАЗНИН** | • ***Гипогликемияро табобат намоед***<br>• ***ФАВРАН ба статсионар фиристед.*****<br>• ***Ба модар оид ба чи тавр гарм нигоҳ доштани кӯдак дар роҳ то статсионар маслиҳат диҳед.*** |
| • Зардпарвин дар навзоди синни аз 24 соат боло пайдо мешавад ё<br>• Зардшавии панчаҳои дастону пойҳо нест | **ЗАРДПАРВИН** | • Ба модар оид ба нигоҳубини навзод дар хона маслиҳат.<br>• Ба модар маслиҳат диҳед, ки ҳангоми пайдо шудани зарди дар панчаҳои дастону пойҳо фавран баргардад.<br>• Агар синни навзод аз 3 ҳафта калон бошад барои бахо додан ба статсионар фиристед.<br>• Ташрифи минбаъда баъди 1 рӯз. |
| Зардпарвин нест | **ЗАРДПАР-ВИН** НЕСТ | • Ба модар оид ба нигоҳубини навзод дар хона маслиҳат. |

# Сирояти чашмро кобед

| | | |
|---|---|---|
| **ПУРСЕД:** | **БУБИНЕД, ШУНАВЕД, БАХО ДИХЕД*:***<br>•Аз чашмхо зардоб чори мебошад?<br>•Чашмхо вараманд? | ***Тасниф намоед*** |

| | | |
|---|---|---|
| Чашмҳо варамида ва хо-ричшавии зардоби бисёр | **СИРОЯТИ ИМКОНПА-ЗИРИ ГО-НОКОКИИ ЧАШМҲО** | • Вояи аввалӣ антибиотики дохилимуша-киро диҳед.<br>• Вояи аввалӣ малҳами (мазь) зиддибактери-явии маҳаллиро (местно) диҳед .<br>• Ба таври профилактикӣ гипогликемияро муолича намоед<br>• ФАВРАН ба статсионар фиристонед<br>• Ба модар маслиҳат диҳед, ки дар роҳ то статсионар кӯдакро чӣ тавр гарм нигоҳ дорад |
| Хоричшавии зардоб аз чашмҳо | **СИРОЯТИ ЧАШМҲО** | • Модарро оид ба табобати сироятҳои чашм дар хона омӯзонед.<br>• Ба модар оид ба нигоҳубини навзод дар хона маслиҳат диҳед.<br>• Ташрифи минбаъда баъди 2 рӯз |
| Варами чашмон ва хо-ричшавии зардоб аз чаш-мҳо нест | **СИРОЯТИ ЧАШМҲО нест** | • Ба модар оид ба нигоҳубини навзод дар хона маслиҳат диҳед. |

# СИПАС БИПУРСЕД: Оё навзод дарунравӣ дорад?

*АГАР ҲА,*

**БУБИНЕД ВА БАХО ДИХЕД**

- Ба ҳолати умумии навзод назар андозед.
  Ҳаракатҳои навзод
  - навзод мустақилона ҳаракат мекунад?
  - Фақат ҳангоми стимулятсия, ҳаракат намуда баъд меистад?
  - тамоман беҳаракат мемонад?

  - Беқарор аст ё асобонияти дардовар дорад?
- Бубинед, ки фуруравии чашмон ҳаст ё не.
- Аксуламали чини пӯстро дар шикам тафтиш намоед. Чинҳо ҳамвор мешаванд:
  – Суст?
  – Хеле суст (зиёда аз 2 сония)?

*Аз рӯи дараҷаи БЕОБШАВӢ*

***ДАРУНРАВИРО*** *тасниф намоед*

| | | |
|---|---|---|
| Ду аз аломати зерин:<br>• Фақат ҳангоми стимулятсия, ҳаракат менамояд ё ҳатто ҳангоми стимулятсия, ҳаракат нест<br>• Чашмони фурӯрафта<br>• Чини пӯст хеле суст ҳамвор мешавад | **БЕОБШАВИИ ВАЗНИН.** | • Агар дар навзод таснифи бемории вазнин набошад аз рӯи накшаи беобшавии вазнин—В муолича намоед<br>Ё<br>Агар дар навзод таснифи дигари бемории вазнин бошад: ФАВРАН ба статсионар фиристонед!<br>Дар роҳ модар бояд тез-тез ОРС нушонад.<br>Ба модар давом додани синамакрониро маслиҳат диҳед.<br>Бистарӣ намуданро назорат кунед. |
| Ду аз аломати зерин:<br>• Беқарор аст ё асобонияти дардовар дорад?<br>• Чашмони фурӯрафта<br>• Чини пӯст суст ҳамвор мешавад | ***БЕОБШАВИИ МУЪТАДИЛ*** | • Муоличаи беобшавии муътадилро аз рӯи накшаи Б шурӯъ намоед<br>• Агар дар кудак ҳамчунин таснифи дигари бемории вазнин бошад:<br>• ФАВРАН ба статсионар фиристонед, дар роҳ модар бояд тез-тез ОРС нушонад.<br>• Ба модар давом додани синамакрониро маслиҳат диҳед<br>➢ Кай фавран баргаштанро ба модар маслиҳат диҳед.<br>➢ Ташрифи оянда баъди 2 рӯз агар беҳбуди набошад. |
| • Барои таснифи беобшавии мўътадил ё вазнин аломатҳо кифоя нестанд. | БЕОБШАВӢ НЕСТ | • Дарунравиро аз рӯи накшаи А (дар хона) муолича намоед<br>• Кай фавран баргаштанро фаҳмонед.<br>• Ташрифи оянда баъди 2 рӯз агар беҳбуди набошад. |

*ва агар дарунравӣ 14 рӯз боз ва зиёдтар давом дошта бошад*

| | | |
|---|---|---|
| • Дарунравӣ 14 рӯз боз ва зиёдтар давом дорад. | **ДАРУНРАВИИ ВАЗНИНИ ДАВОМНОК** | • Агар кӯдак беоб шуда бошад, беобшавиро пеш аз ба статсионар фиристодан муолича намоед, агар вай таснифи бемории вазнин надошта бошад.<br>• Ба статсионар фиристонед.<br>• Бистаригардониро назорат намоед. |

*ва агар дар фазла хун бошад*

| | | |
|---|---|---|
| • Хун дар фазла | **ИСХОЛИ ХУНИН**<br>(барои навзодони аз 4 ҳафта калон)<br>**Бемории геморрагии навзодон**<br>(дар навзодоне, ки ҳангоми таваллуд витамини К нагирифтаанд) | Ба статсионар фиристонед |

* Дарунравии навзодон чист***?***

Дарунравии навзодон тасниф мешавад ҳангоме, *ки дар фазлаи навзод тағирот мебошад, зиёдшавии масса ва гирифтани характери обнокӣ (зиёдшавии об дар фазла).*

*Дар навзод дарунрави нест,агар синаи модарро мемакд ва фазлааш бо миқдори нормалӣ ва консистенсияи куюқ бошад.*

*** Агар бистарикунонӣ номумкин бошад навзодро чи тавре, ки дар ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона тасвир ёфтааст пеш баред,*
*Кӯдакро табобат намоед Замимаи «Ҳангоми номумкин будани бистарикунонӣ».*

# СИПАС ТАФТИШ НАМОЕД, КИ ОЁ МУШКИЛОТИ ҒИЗОДИҲӢ Ё ВАЗНИ КАМ МАВҶУД АСТ?

**Агар навзод нишонаҳои фавран ба статсионар фиристоданро надошта бошад.**

## *БИПУРСЕД:*

- Оё дар ғизодиҳӣ мушкилоте ҳаст? – Кӯдак сина мемаккад? - Агар ҳа чанд бор дар 24 соат? - Оё кудак одатан дигар моеъ ё ғизоро истеъмол менамояд? Агар ҳа, чанд бор?

## *БУБИНЕД, ГӮШ АНДОЗЕД, ЭҲСОС НАМОЕД:*

- Мувофиқати вазнро ба синну сол муайян намоед.
- Бубинед, ки дар ярачаҳо ё доғҳои сафед дар даҳони навзод ҳаст (дарди даҳон).

***ҒИЗОДИҲРО таснифи намоед***

СИНАМАККОНИРО БАҲО ДИҲЕД:

- Оё кӯдак дар муддати як соати охир сина маккидааст?

Агар ба кӯдак дар муддати як соати охир ғизо надода бошанд, аз модар хоҳиш намоед, ки ба кӯдак сина макконад Синамаккониро 4 дақиқа назорат намоед
(Агар ба кӯдак дар муддати як соати охир ғизо дода бошанд, аз модар хоҳиш намоед, ки сабр кунад ва гӯяд, ки кӯдак кай боз ғизо хӯрдан мехоҳад).
Оё кӯдак сина маккида метавонад?
***тамоман гузошта нашуддаст бад гузошта шудааст хуб гузошта шудааст***

*БАРОИ ТАФТИШ НАМУДАНИ БА СИНА ГУЗОРӢ ДИҚҚАТ ДИҲЕД:*
Манаҳи кудак ба синаи модар мерасад.
–Даҳони кӯдак калон кушода шудааст.
–Лаби поёнӣ ба берун баромадааст.
–Қисми зиёди ареола на аз поён, балки
–Аз болои даҳон намоён аст.
(Ҳангоми дуруст чафс шудан ба сина ҳамаи ин аломатҳо ҳастнд)

- Оё кӯдак самаранок сина мемаккад (яъне ҳаракатҳои оҳиставу чуқури маккиш бо таваққуфҳо)?
***тамоман гузошта нашуддаст бад гузошта шудааст хуб гузошта шудааст***

Бинии маҳкамшудаи кудакро тоза кунед, агар он барои синамаккӣ халал расонад.

- Захм ё доғҳои сафедро дар даҳон ҷустуҷӯ намоед (дарди даҳон).

| | | |
|---|---|---|
| • Ба сина бад чафс шудааст ё<br>• Синаро самаранок намемаккад ё<br>• Камтар аз 8 бор синамакконӣ дар 24 соат ё<br>• Дигар ғизо ё моеъро истеъмол менамояд.<br>• Вазни кам барои синну солаш ё<br>• Дарди даҳон (захмҳо ё доғҳои сафед дар даҳон) | **МУШКИЛОТИ ҒИЗОДИҲӢ Ё ВАЗНИ КАМ** | • Ба модар маслиҳат диҳед, ки ҳар кадаре ки навзод мехоҳад, рӯзу шаб сина макконад.<br>• Агар кӯдак ба сина бад чафс шуда бошад, ё бад мемаккида бошад, ба модар чи гуна ба сина дуруст чафс намудани кӯдакро фаҳмонед.<br>• Агар модар дар як шабонарӯз аз 8 маротиба камтар сина макконад, зиёд намудани басомади синаммаккониро маслиҳат диҳед.<br>• Агар кӯдак дигар намуди ғизо ё моеъ истеъмол намояд, ба модар маслиҳат диҳед, ки бештар сина маконад ва диагр ғизо ва моеъро кам намояд, ки дар ҳар сурат онҳоро аз қадаҳча додан лозим аст.<br>• Агар ба кӯдак тамоман сина намакконанд<br>– Барои маслиҳат додан оиди масъалаҳои синамакконӣ ва релактатсияи имконпазир фиристонед.<br>– Чи гуна дуруст тайёр намудани омехтаҳои ширӣ ва барои ғизодиҳӣ аз қадаҳча истифода бурданро маслиҳат диҳед.<br>➢Ба модар оиди ғизодиҳӣ ва дар гарми нигоҳ доштани навзод бо вазни кам маслиҳат диҳед.<br>➢Агар дарди даҳон бошад чи хел табобат намуданро дар шароити хона ба модар омӯзонед.<br>➢Оиди нигоҳубини навзод дар хона ба модар маслиҳзат диҳед.<br>➢Ташрифи минбаъда оиди ягон хел мушкилоти ғизодиҳи ё дарди даҳон баъди 2 рӯз.<br>➢ Ташрифи минбаъда оиди вазни кам баъди 14 рӯз. |
| • Вазни кам барои синну сол ва дигар аломатҳои ғизодиҳии нодуруст надорад. | **МУШКИЛОТИ ҒИЗОДИҲӢ НЕСТ** | • Ба модар оиди нигоҳубини навзод дар хона маслиҳат диҳед<br>• Модарро барои ғизодиҳии дуруст таъриф намоед<br>• Ба модар оиди нигоҳубин бо мақсади инкишоф маслиҳат диҳед. |

## БАЪД СТАТУСИ ЭМГУЗАРОНИИ НАВЗОДРО ТАФТИШ НАМОЕД:

| | | |
|---|---|---|
| **ТАҚВИМИ ЭМГУЗАРОНӢ:** | **СИННУ СОЛ**<br>То 24 соати баъд аз таваллуд<br>3-5 рӯза | **ВАКСИНА**<br>ОПВ-0 Ҳепатит Б-1<br>БСЖ-1 |

- Агар мувофиқи шароити махсуси иқлимию географӣ бистарикунонӣ номумкин бошад, фавран мувофиқи схеме ба табобат шурӯъ намуда роҳҳои бистарикунониро ҷустуҷӯ намоед.

# **Проблемаҳои дигарро санҷед:**

# НАВЗОДРО ТАБОБАТ НАМОЕД ВА БА МОДАР МАСЛИҲАТ ДИҲЕД

- **Маводи зиддибактериявии даҳонгузорӣ мувофиқро диҳед.**
- Ҳангоми СИРОЯТИМАХАЛЛИИ БАКТЕРИЯВӢ :

| | Амоксасиллин<br>Рӯзе 2 маротиба дар давоми 3 рӯз диҳед. | | |
|---|---|---|---|
| **СОЛ Ё ВАЗН** | **ҲАБИ**<br>**5**00 мг | **ҲАБИ**<br>250 мг | **ШАРБАТ**<br>125 мг дар 5 мл |
| Аз 0 то 1 моҳа<br>(<3кг) | 1/8 | 1/4 | 2.5 мл |
| Аз 1 то 2 моҳа<br>(3-4 кг) | 1/6 | 1/3 | 5.0 мл |

## ➢ Вояи якуми маводи зиддибактериявиро вориди мушакӣ диҳед.

Вояи якуми ампитсиллин ва гентамитсинро воридимушакӣ диҳед

| Вазн | **АМПИТСИЛЛИН**<br>ВОЯ: 50мг/кг<br>Дар флакони 250 мг 1,3 мл оби стерилизатсияшударо илова намоед = 250 мг/1,5 мл | **ГЕНТАМИЦИН**<br>2 мл флакон ноаралашкарда, ки 20 мг дорад =1 мл 10 мг/мл<br>Ё<br>6 мл оби стерилзатсияшударо илова намоед ба 2 мл флакон, ки 80 мг* дар 8 мл дорад, дар 1мл 10 мг | |
|---|---|---|---|
| | | СИННУ СОЛ <7 РӮЗА<br>ВОЯ 5 мг/кг | СИННУ СОЛ <7 РӮЗА<br>ВОЯ 7,5 мг/кг |
| 1-<1,5 кг | 0,4 мл | 0.6 мл | 0,9 мл |
| 1,5-<2 кг | 0,5 мл | 0.9 мл | 1,3 мл |
| 2-<2,5 кг | 0,7 мл | 1,1 мл | 1,7 мл |
| 2,5-< 3 кг | 0,8 мл | 1,4 мл | 2,0 мл |
| 3-<3,5 кг | 1,0 мл | 1,6 мл | 2,4 мл |
| 3,5-<4 кг | 1,1 мл | 1,9 мл | 2,8 мл |
| 4-<4,5 кг | 1,3 мл | 2,1 мл | 3,2 мл |

* аз маҳлули гентамитсини 40 мг/мл истифода нанамоед

Барои навзоде, ки таснифи СИРОЯТИ НИҲОЯТ ЧИДДӢ дорад, интихоби беҳтарин ин ба статсионар фиристодан мебошад. Агар бистарикунонӣ номумкин бошад додани ампитсиллин ва гентамитсинро на кам аз 5 рӯз давом диҳед. Ампитсиллин 2 маротиба дар 1 рӯз барои навзодони то 1 ҳафтаина ва 3 маротиба барои навзодони 1 ҳафтаина ва калон таъин када мешавад. Гентамитсин 1 мартотиба дар 1 рӯз таъин карда мешавад.

## НАВЗОДРО ТАБОБАТ НАМОЕД

***Модарро омӯзонед, ки дар роҳ то статсионар навзодро чи тавр гарм нигоҳ дорад***

Расидани пӯст ба пӯстро таъмин намоед

Ё

Кӯдакро дар роҳ хуб пушонед, то андозае, ки имкон ҳаст, дар тули ҳама вақт. Кӯдакро хуб пушонед**:** каллапуш, дастпушакҳо, ҷӯроб ва илова ба пушоки мулоими хушк печонед ва аз бол обо курпа пушонед.

- **Модарро омзонед, ки дар роҳ то статсионар кӯдакро чӣ тавр гарм нигоҳ дорад**

# ТИФЛРО ТАБОБАТ НАМОЕД ВА БА МОДАР ДАСТУР ДИХЕД

**Табобати сирояти маҳаллиро дар хона ба модар омӯзонед.**

Ба модар чӣ тавр табобат карданро фаҳмонед.
Чӣ тавр модар якумин маротиба табобат дар амбулаторияро истифода мебарад, назорат кунед.
Ба модар гӯед табобатро дар як рӯз ду маротиб гузаронад. Вай бояд дар ҳолати бад шудани кӯдак ба амбулатория баргардад.

- **Табобати сирояти маҳаллиро дар хона ба модар омӯзонед.**

**Барои табобати римхонахои пӯст ва сирояти ноф**
**Модар бояд табобатро рӯзе ду маротиба дар давоми 5 рӯз гузаронад:**
**Дастҳоро шӯяд**
**Боэҳтиёт зардоб ва карахшро бо обу собун шӯяд**
**Пӯстро хушк намояд**
**Пӯст ё нофро бо генсианвиолети қатинокарда (0,5%)тоза кунад**
**Бори дигар дастҳоро шӯяд**

Барои табобати дарди даҳон(захм ё доғи сафед дар даҳон)
Модар бояд табобатро 4 маротиба дар 1 рӯз дар давоми 7 рӯз гузаронад:
Дастҳоро шӯяд
Даҳони кӯдакро бо латтаи тозаи дар гирди ангушт тоб додашудаи бо генсионвиолети баробар ҳалкардашуда (0,25%)тоза кунад
Бори дигар дастҳоро шӯяд

- Барои табобати Дарунрави — Ба накшаи табобати дарунрави нигаред

- Хар як навзоди беморро чи хеле лозим ҳаст эм гузаронед

# БА МОДАР ДАСТУР ДИХЕД

## ➢ **Ба Модар ҳолати дурусти ба синагузорӣ ва синамакониро омӯзонед**

- Ба модар чӣ хел дуруст доштани кӯдакро нишон диҳед:
- Сар ва бадани навзод рост аст,
- Бадан ва руи кӯдак ба сӯи сина гардонида шудааст,
- Бинии кӯдак дар баробари пистонҳо
- Бадани кӯдак ба бадани модар наздик аст
- Модар тамоми бадани кӯдакро медорад (на нафақат гардан ва китфро.)
- Ба модар чї тавр дуруст ба синагузории кўдакро нишон дињед.

  Барои ин лозим аст:
- Лаби кӯдак ба пистонҳо расад
- То вақти калон кушодани даҳон интизор шудан
- Кӯдакро тез ба сина наздик кардан бо маќсади он, ки лаби поени кўдак аз пистоњњо поёнтар бошад.
-

Нишонаҳои дуруст ба сина гузоштан ва синамаконии самаранокро баҳогузоред. Агар кӯдак нодуруст ба сина гузошта шуда бошад ва бесамар макад - аз нав такрор кунед.

## ➢ ***Модарро омӯзонед, ки Чи тавр шири синаро ПОЛУДАН мумкин аст.***

Аз модар хоҳиш намоед**:**
- Дастонро покиза шӯяд.
- Мавқеи мувофиқро гирад.
- Дар таги сри пистонаш зарфи даҳонкушодро, дорад.
- Ангушти калонро аз болои ғадуди сина ва ангушти нишондиҳандаро (указательный) аз поен гузошта бо ҳамин тариқ ангуштон дар муқобили ҳамдигар меистанд (на кам аз 4 см аз болои сараки пистон - соска).
- Байни ангуштони калон ва нишондиҳанда якчанд маротиба ба ғадуди сина фишор оваред.
- Агар шир пайдо нашавад вай бояд ангуштонашро ба нӯги пистон наздиктар орад ва фишороввариро такрор намояд.
- Фишороварии ғадуди сина дар нуктаҳои мухталиф ва даврашакл, ҳангоме, ки ангуштон дар як фосила аз нӯги пистон қарор дошта бошанд. Ин корро бо эҳтиёт кардан даркор, то ин, ки нуги пистонро фишурда нашавад ё пӯсташ захмӣ нашавад ва ҷойивазкунии ангуштон ба амал наояд.
- Аз як пистон то вақте, ки шир ҷорӣ нашавад полудан лозим, баъд пистони дигарро низ то ҷоришавии шир полудан даркор.
- Ба навбат аз ҳарду сина 5 ё 6 маротиба давоми 20 дақиқа полудан даркор.

Полуданро ҳангоми қатъ гардидани ҷоришавии шир ба поён расонидан лозим, лекин ҳангоми аз сари нав полуданро сар кардан қатраҳо пайдо мешаванд.

## БА МОДАР ДАСТУР ДИХЕД

### ➢ Ба Ёрии Косача хӯрониданро ба Модар Омӯзонед

Сачоқчаро ба пеши тифл, барои либосашро аз рехтани шир муҳофизат намудан, гузоред.

Тифлро болои зонуҳо дар ҳолати нимвертикалӣ доред.

Ба косача миқдори ҳисобшудаи ширро резед.

Косачаро тавре дошта истед, ки озодона ба лаби поён ҷойгир шавад.

Косачаро гузоред, то ин, ки шир ба лабони тифл рассад.

- Ба тифл имкон диҳед, ки худаш ба ширнӯшӣ шуруъ кунад. Ширро ба даҳони кӯдак НАРЕЗЕД.

### ➢ *Модарро чи тавр гарм нигоҳ доштани навзодро бо вазни кам дар хона, омузонед*

- Тифлро дар як ҷойгоҳ бо модар хобонед.
- Дар ҳуҷра ҳарорати на кам аз 25°С ба воситаи асбоби гармидиҳи нигоҳ доред. Бовар кунед, ки дар хона шамолгардии ҳавои хунук (сквозняк) нест.
- Аз оббозӣ дорондани тифл бо вазни кам худдорӣ намоед. Агар Шумо кӯдакро мешӯед ё оббозӣ медоронед, ин корро дар ҳуҷраи гарм бо оби гарм анҷом диҳед ва ҳамонзамон баъди оббозӣ тифлро бо ҷаҳд хушконед ва либос пушед.
- Ҳар вақте, ки тифл тар мешавад либосашро (парпечҳо – пеленки) иваз кунед
- Алоқаи пӯст бо пӯстро то имкон ҳаст барзиёд, шабонарӯзӣ, таъмин намоед.

Барои алоқаи пӯст бо пӯст**:**

Ба кӯдак либоси гарме, ки аз пеш кушода аст, инчунин парпеч, каллапуш ва пайпоқ пӯшонед.
Тифлро барои алоқаи пӯст бо пӯст болои қафаси синаи модар дар байни ғадудҳои ширӣ ҷойгир кунед. Сари тифлро ба як тараф гардонед.
Тифлро бо либоси модар (дар вақти ҳавои хунук бо курпаи иловагӣ) пушонед.
Агар алоқаи пӯст бо пӯст набошад, ҳамавақт тифлро чи қадаре, ки мумкин аст хуб пушонед ва печонед. Иловагӣ кӯдакро пушонед, хамчунин каллапуш ва пайпоқ, тифлро озод дар парпечи хушк печонед ва бо курпа пушонед.
Зуд зуд тафтиш кунед, ки дасту поҳҳои кӯдак гарм мебошанд. Агар онҳо хунук бошанд бори дигар онҳоро ба воситаи алоқаи пӯст бо пӯст, гарм кунед.

Тифлро зуд зуд сина маконед (ё шири синаи плударо ба воситаи косача диҳед).

# БА МОДАР ОИДИ НИГОҲУБИНИ НАВЗОД ДАР ХОНА МАСЛИҲАТ ДИҲЕД

## 1. НАВЗОДРО ТАнҲО ШИРИ МОДАР ХӮРОНЕД

Танҳо шири модар диҳед
Кӯдакро чи қадар, ки хоҳад ва чанд вақте, ки хоҳад шири сина диҳед, шабу рӯз.

## 2. БОВАРӢ КУНЕД, КИ ТИФЛ ҲАМЕША ДАР ГАРМӢ ҶОЙГИР АСТ

Дар ҳавои хунук сар ва дасту пои кӯдакро пушед ва либоси иловаги пушонед

## 3. КАЙ БАРГАШТАН

| **Ташрифи минбаъда** | |
|---|---|
| **Агар дар навзод:** | **Барои баргаштан ба ташрифи аввала баъди:** |
| - ЗАРДПАРВИН | 1 рӯз |
| - СИРОЯТИ БАКТЕРИЯВИИ МАҲАЛЛӢ<br>-МУШКИЛОТИ ҒИЗОГИРӢ<br>- ДАҲОНДАРД<br>- ДАРУНРАВӢ | 2 рӯз |
| - ВАЗНИ КАМ БАРОИ СИННУ СОЛ | 14 рӯз |

## КАЙ ҲАТМАН БАРГАШТАН:

**Ба модар маслиҳат диҳед, ки агар яке аз ин нишонаҳо бошад ҳатман баргардад:**

- Синаро бад мемакад
- Ҳаракатҳояш паст
- Ҳолат бад мешавад
- Ҳарорат баланд мешавад
- Ҳангоми ламс хунукшавии номуқарарӣ
- Нафаскашии босуръат
- Нафастангӣ
- Панҷаҳои дасту пойҳо зард шудагӣ
- Хун дар фазла

# НАЗОРАТИ МИНБАЪДАРО АЗ БОЛОИ ТИФЛИ БЕМОР ГУЗАРОНЕД

## ХАР ЯК ТИФЛИ НАВЗОДРО БАРОИ ДАРЁФТИ *“БЕМОРИИ НИХОЯТ ВАЗНИН” ҲАНГОМИ ТАШРИФҲОИ МИНБАЪДА БАҲО ДИҲЕД*

- ***СИРОЯТИ ЧАШМОН***

Баъди 2 рӯз:

ЧАШМОНРО муоина кунед. Варам ва хориҷшавии зардоб ҳаст?

**Табобат** Агар варам ва хориҷшавии зардоб бошад ё варам ва хориҷшавии зардоб зиёд шуда бошад ба статсионар фиристед. Агар варам ва хориҷшавии зардоб кам шуда бошад ба модар маслиҳат диҳед, ки табобати навзодро бо малҳами маҳалии зидибактериявӣ 5 рӯз гузаронад ва сирояти маҳалии чашмонро дар шароити хона давом диҳад.

- ***ЗАРДПАРВИН***

Баъди 1 рӯз:

Зардпарвинро кобед. Зардшавии панҷаҳои дастон ва пойҳо вуҷуд дорад?

Агар зардшавии панҷаҳои дастон ва пойҳо вуҷуд дошта бошад ба статсионар фиристед.

Агар зардшавии панҷаҳои дастон ва пойҳо вуҷуд надошта бошад, ба модар оид ба нигоҳубин дар хона маслиҳат диҳед ва ташрифи минбаъдаро баъд аз 1 рӯз таъин кунед.

- Агар зардшавӣ кам шавад, модарро таъриф куне два пурсед, ки нигоҳубини хонаро давом диҳад. Ташрифи такрориро вақте, ки тифл се ҳафтаина мешавад таъин кунед. Агар зардшавӣ аз 3 ҳафта зиёд давом кунад барои баҳодиҳӣ ба статсионар фиристед.

- **ДАРУНРАВӢ**

Баъди 2 рӯз:

Пурсед: - Дарунравӣ қатъ гардид?

Табобат:

Агар дарунравӣ қатъ нагардида бошад, ҳолати тифлро баҳо дода табобати мувовикро таъин амоед. НИГАРЕД фасли «Дар тифл дарунравӣ вуҷуд дорад?»

Агар дарунравӣ қатъ гардида бошад, ба модар гӯед ва синамакониро давом диҳад.

- МУШКИЛОТИ ҒИЗОДИҲӢ

Баъди 2 рӯз:

Хӯрокдиҳиро такроран баҳо диҳед. Ба фасли дар боло омада «Баъд Санҷед, Мушкилоти Ғизодиҳӣ ё Вазни Кам вуҷуд дорад» нигаред.
Оид ба ҳаммаи мушкилоти ғизодиҳие, ки дар ташрифи аввала мушоҳида карда шуда буданд, пурсед.

Ба модар оид ба ҳаммаи мушкилотҳои нав ё боқимондаи ғизодиҳӣ, маслиҳат диҳед. Агар Шумо маслиҳати ба клулӣ иваз намудани ғизогириро додед, аз модар хоҳиш намоед, ки ҳамроҳи тифл боз оянд.
Агар дар тифл вазни кам барои синну сол бошад, аз модар хоҳиш намоед, такроран баъди 14 рӯз пас аз ташрифи аввалаи баҳодиҳии зиёдшавии вазн, баргардад.

**ИСТИСНО:**
Агар Шумо боварӣ надошта бошед, ки ғизодиҳӣ беҳ мешавад, ё тифл ***вазнашро гум кардааст***, вайро ба статсионар фиристед.

# *ДАҲОНДАРД (МОЛОЧНИЦА)*

**Баъди 2 рӯз:**

Захмҳо ё доғҳои сафедро дар даҳон кобед (даҳондард - молочница).

Ғизодиҳиро такроран баҳо диҳед. Ба фасли дар боло омада «Баъд Санҷед, Мушкилоти Ғизодиҳӣ ё Вазни Кам вуҷуд дорад» нигаред.

Агар даҳондард ривоҷ ёфта бошад ё дар тифл мушкилоти ба сина гузоштан ё макидан бошад ба статсионар фиристед.

Агар даҳондард бе тағирот ё кам шуда бошад ва тифл нағз хӯрок хӯрад, табобатро то тамомшавии курси 5 рӯза бо генсианвиолети баробар маҳлулкардашуда, давом диҳед

- ***ВАЗНИ КАМ***

Баъди 14 рӯз:
Тифлро баркашед ва муайян созед, ки вазн ҳоло ҳам нисбати синни худ паст буда, қафо мемонад.
Такроран ғизодиҳиро баҳо диҳед. Ба фасли боло «Баъд Санҷед, Мушкилоти Ғизодиҳӣ ё Вазни Кам вуҷуд дорад» нигаред.

Агар ***вазни тифл барои синну сол кам набошад***, модарро таъриф намоед ва ба вай дастур диҳед табобатро давом диҳад.

Агар ***вазни кӯдак ҳоло ҳам кам бошаду лекин ғизогирӣ хуб шуда бошад***, модарро таъриф кунед. Аз модар хоҳиш намоед тифлро баъди 1моҳ, вақте, ки барои эмгузаронӣ меояд, баркашад.

Агар дар тифл ҳолоҳам вазни кам ва мушкилоти ғизогирӣ бошад, ба модар оид ба ғизодиҳӣ маслиҳат диҳед. Аз модар хоҳиш намоед, такроран баъди 14 рӯз (ё вақте ки барои эмгузаронии навбатӣ меояд, лекин на кам аз 14 рӯз) баргардад. Назорати тифлро якчанд ҳафта то даме, ки тифл ба таври муқаррарӣ хӯрок нахӯрад ва вазнаш зиёд нашавад ё вазн нисбати синну сол кам набошад, давом диҳед

***ИСТИСНО:*** Агар Шумо боварӣ надошта бошед, ки ғизодиҳӣ беҳ мешавад, ё тифл ***вазнашро гум кардааст***, вайро ба статсионар фиристед.

# ТАВСИЯҲО ОИДИ ҒИЗО БАРОИ КӮДАКИ СОЛИМ

## *То синни 6 моҳа*



**Кӯдакро аз рӯи талаботаш на кам аз 8 маротиба дар як руз, шабу рӯз маконед.**
Гиряи кӯдакро нигоҳ накунед,дарҳол вақте, кй нишонаҳои гуруснагӣ (макидани лабҳо, макидани ангуштон, безобитигӣ, кофтани сина) пайдо шавад, чой надихед, ба сина гузоред. Ғайр аз шири сина дигар ягон намуди ғизоро надиҳед.

**Чой надиҳед!**

## *Аз 6 то 12 моҳа*



**Кӯдакро аз рӯи талаботаш маконед.**

•Ғизои иловагиро бо 1-2 қошуқча сар карда пеш аз сина макони диҳед ва дар 8 моҳагӣ

•3 маротиба аз дастархони оилавӣ дар 1 рӯз ва ҷамъ ягон намуди газак(перекус)

•5 маротиба дар 1 рӯз хурок диҳед ,агар кӯдак шири сина намакад, газак ҳам диҳед.

Ҳачми хӯрок: 1\2-3\4 косача Шавлаҳои ғафси (биринчи, марҷумаки) атола, пюреи сабзавотӣ (картошка, сабзи, каду, лаблабу, ки бо равған ғани гардонида шудааст. Гӯшт, моҳӣ, зардии тухм диҳед. Ба газакҳо нони хушк карда шуда, мева, нон бо равған диҳед.

**Чой надиҳед!**

Ба дасти кӯдак порахои хурокро барои хоидан мувофиқро диҳед. Ба кудак имконият диҳед, ки мустақилона хӯрок хурад ва ба ӯ кӯмак кунед.

## *Аз 12 моҳа то 2 сола*



**Ба кӯдакатон чи қадаре, ки мехоҳад, хӯрок диҳед.**

•▪3 маротиба аз дастархони оила

•2 маротиба ғизои иловагӣ

Ҳачми хурок: 3/4-1 косача

Аз дастархони оила ҳачми пурраи хӯрокро ба монанди шавлаҳои гафс(биринчи, марҷумаки) атола, пюреи сабзавотӣ ( картошка, сабзи, каду,лаблабу, ки бо равған ғанӣ гардонида шудааст. Гӯшт, моҳӣ, зардии тухм диҳед.

Ба газакҳо, нони хушк карда шуда, мева, нон бо равған.

Оҳиста ва ботоқатона хӯрок диҳед. Кӯдакро маҷбур накунед.

**Чой надиҳед!**

Ширини ва намакро маҳдуд кунед. Танҳо намаки йоднок карда шудаdo истифода баред.

## *Аз 2 сола ва боло*

**3 маротиба аз дастархони оила ғизо диҳед.**



2 маротиба газакҳои ғизонок дар байни хӯрокхурӣ ба монанди мева, кефир, ҷурғот диҳед..

Ҳачми хӯрок: на кам аз 1 косача.

Ба кӯдак ғизоҳои гуногун пешниҳод кунед. Агар кӯдак хӯроки навро чашидан нахоҳад ба ӯ якчанд маротиба пешниҳод кунед, ки чашида бинад. Нишон диҳед, ки ба шумо маъқул аст. Ба кудак додани картошкаи бирён карда шуда (чипсы), обҳои газноки ранга ва ролтони хушк надиҳед.

**Чой надиҳед!**

Танҳо намаки йоднок карда шударо истифода баред.

# ТАВСИЯҲО ОИДИ НИГОҲУБИН БО МАҚСАДИ ИНКИШОФ

## *То синни 6 моҳа*



Ба чашмони кӯдак нигариста табассум кунед. Бо ӯ бо овоз гап занед.Кӯдакро агар мумкин бошад бисёртар ба даст гиред. Ба кӯдак бозичаҳои рангин диҳед, ки ӯ бинад ва даст расонида тавонад.

## *Аз 6 то 12 моҳа*

Ба овоз ва завқи кудак эътибор диҳед. Ба кӯдак номи ашёҳоро номбар кунед.



Ба у асбоби расмии рузғорро, ки ба даст гирифта, бози кунад диҳед. Кӯдакон дар ин синну сол гирифта додани, ашёҳо, партофтани онҳоро дӯст медоранд. Хоҳиши бозикардани кӯдакатонро дастгирӣ кунед, ки ин барои инкишофи оиндаи кӯдак фоидаовар аст

## *Аз 12 моҳа то 2 сола*

Ба кӯдак саволҳои одди диҳед. Ба кӯшишҳои



кӯдак, ки бо шумо гап задан мехоҳад эътибор диҳед. Ба кӯдак номҳои ашёҳо ва одамонро номбар кунед. Ба кӯдакон ашёҳое,диҳед, дарун ба дарун ё боло ба боло гузошта шавад.

## *Аз 2 сола ва боло*



**Кӯдакро ба гапзани ҳавасманд кунед.**

Ба саволҳои кӯдак ҷавоб диҳед. Ба кӯдак ҳисоб кардан, ном гирифтани ашёҳо ва муқоиса кардани онҳоро ёри расонед. Барои кӯдакатон бозичаҳои одди созед.

Ба кӯдак номҳои ашёҳо ва одамонро номбар кунед.




Номи кӯдак ________________ _Санаи таваллуд ________________

Суроғаи муассисаи тибби____________________________________

Ҳангоми мурочиат варакаро бо худ гиред

## МОЕЪҲО



**Барои ҳар як бемор:**

- Кӯдакро тез-тез ва дуру дароз маконед.
- Агар кӯдак танҳо шири модар нахурад ба у чурғот, биолакт, оби шӯрбо, ва е оби тозаи чушонидаро диҳед.

**Барои кӯдаки даунрав:**

- -моеъи обию намаки( ОРС)
  -моеъҳои хонаги (агар танхо аз шири сина гизо нагирад)
  -оби шурбо,оби биринч,чургот,кефир биолакт
  -оби мениралӣ·
  Кӯдакро тез тез ва дурудуроз маконед



То қатъ гардидани дарунравӣ моеъ доданро давом диҳед

## Тақвими эмгузаронӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 шабонарӯз | Гепатит В-1; ОПВ-0 | 4 моҳа | Пентавалентная вакцина - 3; ОПВ -3 |
| 2-5 рӯза | БЦЖ | 12 моҳа | Сурхча-Гулафшон- 1; ОПВ -4 |
| 2 моҳа | Пентаваленти - 1; ОПВ -1 | 16 моҳа | АКДС |
| 3 моҳа | Пентаваленти- 2; ОПВ -2 | 6 сола | Сурхча-Гулафшон- 2; АДС |

# ШАКЛИ САБТ БАРОИ КӮДАКИ БЕМОРИ НАВЗОДИ ТО 2 МОҲАРО БАҲО ДИҲЕД

**ПЕШБАРИИ НАВЗОДИ СИННИ ТО 2 МОҲА.**

Ном ______________________ Синну сол __________ Вазн _____________ кг. Ҳарорат __________

Пурсед: Кӯдак чӣ гуна мушкилотҳо дорад? ____________ Ташрифи аввалин?______ Ташрифи такрорӣ?______

**Баҳо диҳед** (Симптомҳои ҷойдоштаро хат кашед) **Тасниф намоед**

| **БЕМОРИИ НИҲОЯТ ВАЗНИН ВА СИРОЯТИ БАКТЕРИЯВИИ МАҲАЛЛИРО КОБЕД** | | Ҳаммаи навзодонро тасниф намоед |
|---|---|---|
| Оё дар навзод мушкилоти ғизогирӣ вуҷуд дорад?<br><br>Дар навзод рагкашӣ буд? | * Шумораи нафаскаширо дар як дақиқа ҳисоб кунед. ______ нафас дар як дақиқа.<br><br>Такрор кунед, агар ҳисоби нафаскаши 60 ва аз он зиёд бошад<br>Нафаскашии босуръат?<br>Фурӯравии айёни қафаси синаро муайян кунед.<br>Табларза (ҳарорат 37.5°С ва баланд).<br>Ҳарорати пасти бадан (кам аз 35.5°С).<br>Нофро муоина кунед, сухшавӣ ё ҷудошавии зардоб вуҷуд дорад?<br>**Римхонаҳои пӯстро муайян кунед.**<br>Ҳаракатҳои кӯдакро назорат кунед.<br>Вай фақат ҳангоми стимулятсия ҳаракат мекунад?<br>Навзод тамоман беҳаракат мемонад? | |
| БАЪД САНҶЕД,КИ ОЁ ЗАРДПАРВИН ҲАСТ **ҲА** ______ **НЕ** ______ | | |
| АЗ ЧАШМОН ФАСОДРАВИ ҲАСТ ҲА ______ НЕ ______ | | |
| ВАРАМИ ЧАШМОН ҲАСТ ҲА ______ НЕ ______ | | |
| Агар зардпарвин бошад, кай бори аввал пайдо шуд? | Зардпарвинро кобед (ранги зард гирифтани қарнияи чашмон ё пӯст).<br>Ба панҷаҳои астон ва пойҳо нигаред. Оё онҳо ранги зард гирифтаанд? | |
| **ДАР НАВЗОД ДАРУНРАВИ ВУҶУД ДОРАД? ҲА ______ НЕ ______** | | |
| | Ба ҳолати умумии навзод нигаред.<br>Фақат хагоми стимулятсия ҳаракат мекунад?<br>Навзод оё тамоман бе ҳаракат мемонад?<br>Беқарор аст ё асабонияти дардовар дорад?<br>Кобед, оё чашмон фурӯрафтаанд?<br>Реаксияи чинни пӯстро дар шикам муайян намоед. Чини пӯст ҳамвор мешавад:<br>Бисёр оҳиста (аз 2 секунд зиёд)?<br>Оҳиста? | |
| Агар дар навзод нишондодҳо барои фавран ба статсионар фиристодан набошанд.<br>**БАЪД САНҶЕД, КИ ОЁ МУШКИЛОТИ ҒИЗОДИҲИ Ё ВАЗНИ КАМ БАРОИ СИННУ СОЛ ВУҶУД ДОРАД:** | | |
| Кӯдак шири сина мемакад? Агар ҳа, чанд бор дар 24 соат? ________<br>Оё тифл ғизо ё нӯшокии дигар қабул мекунад?<br>Агар ҳа, чанд бор? ___________<br>Агар ҳа, Шумо ҳангоми ғизодиҳии тифл чиро истифода мебаред? ________ | Мутаносибии вазну қадро муайян кунед.<br>Паст ____________ паст не ______________<br>Бубинед оё ярачаҳо ё доғҳои сафед дар даҳони тифл ҳастанд (молочница) | |
| **СИНАМАКОНИРО БАҲО ДИҲЕД:** | | |
| Давоми як соати охир навзод сина макидааст? | Агар тифлро давоми як соати охир сина намаконида бошанд, аз модар хоҳиш намоед, ки ба ӯ сина диҳад. Аз болои синамаконӣ 4 дақиқа назорат кунед.<br>Агар кӯдакро давоми як соати охир сина маконида бошанд, аз модар хоҳиш намоед, ки сабр кунад ва ба Шумо гуяд, кай, ки тифл аз нав ғизо гирифтан хост.<br>Оё тифл сина макида метавонад?<br>Барои тафтиши гузориш нигаред ба:<br>*Қисми зиёди ареола аз болои даҳон дида мешавад на аз поён*<br>*ҲА ______ НЕ ________*<br>*Даҳон калон кушода мебошад*<br>*ҲА ______ НЕ ________*<br>*Лаби поён ба берун гардонида шудааст*<br>*ҲА ______ НЕ ________*<br>*Манаҳи кӯдак ба синаи модар мерасад*<br>*ҲА ______ НЕ ________*<br>*Гузориши бад Ггузориши хуб*<br>Оё тифл самарабахш мемакад (ҳаракатҳои макидани оҳиста ва чуқур бо танаффус)?<br>Самарабахш намемакад Самарабахш мемакад | |
| **Эмгузаронии тифлро тафтиш намоед** (Эмҳои импӯз мегузарондагиро хат кашед)<br>Ҳепатит В1 Ҳепатит В 2<br>БСЖ АКДС 1+HIV 1 АКДС 2+HIV 2<br>ОПВ 0 ОПВ 1 ОПВ 2<br>Витамини А ба модар | | Ташриф барои эмгузаронии оянда:<br><br>(Сана) |
| Нигоҳубин бо мақсади инкишофро баҳо диҳед, агар тифл МУШКИЛОТИ ҒИЗОГИРӢ Ё ВАЗНИ КАМ дошта бошад<br>Шумо чи тавр бо кӯдак бози мекунед?<br>Шумо чи тавр бо кӯдак муошират мекунед? | | |
| **ДИГАР МУШКИЛОТРО БАҲО ДИҲЕД** | Аз модар оид ба саломатии худи вай пурсед | |

**МУШКИЛОТҲОИ ДИГАРРО БАҲО ДИҲЕД**

Муроҷиати такрорӣ баъди ________________________________________

Бамодар фаҳмонед, ки кай фавран баргардад

Эмҳои барои имрӯз заруриро гузаронед_______________________

Маслиҳат оид ба ғизодиҳӣ ________________________________________

# ШАКЛИ САБТ
# БАРОИ КӮДАКИ БЕМОРИ АЗ 2-МОҲА ТО 5-СОЛАРО БАҲО ДИҲЕД

| | |
|---|---|
| Таҳқиқи кӯдаки бемори аз 2 – моҳа то 5 – сола<br><br>Ном_____________Сол______Вазн______Ҳарорат______°С Мурочиати якум?_________<br><u>Пурсед:</u> Кӯдак чӣ проблемаҳо дорад?___________ Мурочиати такрорӣ?_______<br><u>Баҳо диҳед:</u> (симптомҳои мавҷударо хат кашед) Тасниф кунед | |
| **<u>Тафтиш кунед, ки аломатҳои умумии хатар вуҷуд доранд.</u>**<br>**Пурсед:**<br>Нӯшида ё сина макида наметавонад?<br><br>Баъди ҳама гуна ғизо ё нӯшокӣ қай мекунад?<br>. | **Аломатҳои умумии хатар вуҷуд доранд?**<br>Ҳа_____ Не_____<br>Ҳангоми таснифи бемориҳо истифодаи аломатҳои хатар-ро аз ёд набаоред. |
| <u>Сулфа ё нафаскашии душвор вуҷуд дорад?</u>_____Ҳа ___ Не___ *Чанд рӯз шуд?____Рӯз<br>*Шумораи нафаскаширо дар 1 дақиқа ҳисоб кунед.<br>___ маротиба дар як дақиқа нафаскашии тез?<br>*Бинед, фурӯравии қафаси сина вуҷуд дорад?<br>Агар нафаскашии астмаги бошад: Ин ҳодиса такрорист? | |
| Кӯдак дарунрав аст? Ҳа_______ Не_______<br>*Ҳолати умумиро бинед. Кӯдак:<br>Чанд рӯз шуд? Беҳол ё беҳуш аст?<br>_____Рӯз *Бинед, чашмонаш чӯкидаанд?<br>Дар ахлоташ *Ба кӯдак моеъ диҳед.Кӯдак:<br>хун ҳаст? Нӯшида наметавонад ё бо душворӣ менӯшад.<br>Ҳарисона менӯшад, ташна?<br>*Реаксияи чини пӯсти рӯи шикамро санҷед.<br>Чинҳамвор мешавад: Хеле оҳиста (зиёда аз 2 сония)?<br>Оҳиста? | |
| Кӯдак дарди гулӯ дорад ? Ҳа___ Не___<br>* Дар гулӯ ҳалолати сафед ҳаст? * Бинед, дар гулӯ ҳалолати сафед ҳаст?<br>* Гиреҳҳои лимфатии гардан калон шудаанд. * Нӯшида метавонад? | |
| Кӯдак мушкилоти гӯшҳо дорад ? Ҳа ____ Не____<br>*Гӯш дард мекунад? *Бинед, аз гӯш зардоб меравад?<br>*Агар ҳа, чанд рӯз боз?____Рӯз. *Пушти гӯш варами дарднок дорад? | |
| Кӯдак табларза дорад? (Бо анамнез ё вақти ламс гарм аст) (37,5 °С ё зиёд) Ҳа__ Не__<br>Чанд рӯз боз? ___Рӯз * карахтии мушакҳои пушти сарро муоина ва ҳис кунед.<br>Агар аз 5 рӯз зиёд бошад,<br>Табларза ҳар рӯз мегирифт? * Тафтиш кунед, ки зуком ҳаст<br>Кӯдак дар як соли охир * Аломатҳои сурхчаро тафтиш кунед<br>Дар минтақаи вараҷа буд? * Доначаҳои дар бадан паҳншуда ё яке<br>Дар се моҳи охир кӯдак аз нишонаҳои: сулфа, зуком ё<br>бемории сурхча шуда буд? сурхшавии чашм | |
| Агар кӯдак аз минтақаи вараҷа * Зуком нест<br>бошад, ё дар онҷо дар давоми * Сурхча нест<br>9 моҳи охир воқеъ шуда бошад * Дигар сабабҳои намоёни<br>(Минтақаҳои вараҷа: ниг. Ба саҳ. 38) табларза нестанд | |
| Агар кӯдак сурхча баровarда бошад, * Бинед ки дар даҳонаш яра ҳаст Яраҳо чуқур калонанд?<br>ё дар 3 моҳи охир сурхча баровarда * Бинед, ки аз чашмонаш зардоб меравад<br>бошад * Бинед, ки қарнияи чашм тира шудааст | |
| Сипас тафтиш кунед, ки вайроншавии ғизогирӣ ва камхунӣ вуҷуд дорад? Ҳа __ Не ___<br>*Бинед, ки аломатҳои харобшавӣ вуҷуд доранд? *Бинед, ки кафҳои даст рангпаридаан<br>*Дараҷаи он: Равшан намудор? Мӯътадил? *Бинед, ки панҷаҳои пой варам кардаанд?<br>*Мувофиқати вазн ва синну солро муайян кунед? Кам _Кам не_ | |
| Статуси эмгузорониро тафтиш кунед.<br>Ба зери обилакӯбиҳое, ки имрӯз кардан лозим, хат кашед.<br><br>**<u>ОПВО</u> <u>БЦЖ-1</u> Гепатити В-1**<br><br>**<u>Пентавалент 1</u> (АКДС$_1$+Hib$_1$); <u>Пентавалент 2</u>(АКДС$_2$+Hib$_2$); <u>Пентавалент 3</u> (АКДС$_3$+Hib$_3$);**<br><br>**<u>АКДс 4</u> <u>ОПВ 1</u> <u>ОПВ 2</u> <u>ОПВ 3</u> <u>ОПВ 4</u> Сурхча – 1** | Барои обилакӯбӣ (прививка) омадан лозим<br>________<br>(сана) |
| Ғизогири кӯдакро баҳо диҳед, агар ӯ камхун бошад, ё вазнаш аз синнаш кам бошад.<br>Ё кӯдак аз 2 – сола хурд бошад<br>*Шумо ба кӯдак сина медиҳад? Ҳа ____ Не____ *Агар диҳад, дар як шабонарӯз чанд маротиба? ____ маротиба. Шумо шабона сина медиҳед? Ҳа ____ Не ____ Кӯдак ғизо ё моеъи дигар мехурад? Ҳа ____ Не ____ *Агар ҳа, кадом ғизо ё моеъро? | |
| *Рӯзе чанд маротиба? ______ маротиба. Барои ғизо додани кӯдак аз чӣ истифода мебаред?<br>___________________<br>*Чӣ миқдор? ________ Кӣ ба кӯдак ғизо медиҳад ва чӣ тавр?_________________<br>*Дар вақти беморӣ ғизохурии кӯдак тағйир ёфт? Ҳа_____ Не_______ | |
| ҲАМЗАМОН ОИД БА НИГОҲУБИН БО МАҚСАДИ ИНКИШОФ БАҲО ДИҲЕД агар КАМХУН Ё ВАЗНИ АЗ СИНАШ КАМ БОШАД ё вай аз 2 сола хурд бошад<br>Шумо бо кӯдактон чи хел бозӣ мекунед?<br>Шумо бо кӯдакатон чи хел муошират мекунед? | |

Мушкилотҳои дигарро баҳо диҳед

## МУОЛИҶА КУНЕД

**Аз ёд набаоред, ки кӯдаки дорои ҳама гуна аломатҳои хатарро дар беморхона хобондан зарур аст**

Муроҷиати такрорӣ баъди ____________________

Бамодар фаҳмонед, ки кай фавран баргардад

Эмҳои барои имрӯз заруриро гузаронед____________________

Маслиҳат оид ба ғизодиҳӣ ____________________

____________________

# Минтақахои хавфнок оид ба бемории варақа дар Ҷумхурии Тоҷикистон

| | | | |
|---|---|---|---|
| Душанбе | Бохтар | Дангара | Кайроккум |
| Норак | Вахш | Кулоб | Хучанд |
| Турсунзода | Кумсангир | Муминобод | Рогун |
| Вахдат | Кабодиён | Хамадони | Чкаловск |
| Хиссор | Ч. Руми | Фархор | Истравшан |
| Рудаки | А.Чоми | Темурмалик | Мастчох |
| Файзобод | Шахритус | Ховалинг | Спитамен |
| Дарбанд | Панч | Балчувон | Ч. Расулов |
| Варзоб | Чиллику | Рашт | Панчакент |
| Тавильдара | Хуросон | Ашт | Б. Гафуров |
| Точикобод | Н. Хусрав | Айнин | Мастчохи Кухи |
| Шахринав | Шурообод | Гончи | Черқатол |
| Дарвоз | Восеъ | Зафарообод | Табошар |
| Ванч | Кургонтеппа | Исфара | Шахристон |
| Ёвон | Сарбанд | Конибодом | |

## *НАҚШАИ ИНКИШОФИ ҶИСМОНИИ КӮДАК*
## *ВАЗН НИСБАТИ СОЛ (барои ҳарду ҷинс)*




Синну сол (хафта, мох)

***НАҚШАИ ИНКИШОФИ ҶИСМОНИИ КӮДАК***
***ВАЗН НИСБАТИ СОЛ (барои писарча)***




**Синну сол (хафта, моҳ)**

# *НАҚШАИ ИНКИШОФИ ҶИСМОНИИ КӮДАК*

